**Иҷлосияи шашуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ашт (даъвати IV)**

# ҚАРОР

аз «10» майи соли 2011 № 49 ш.Шайдон

Дар бораи тасдиқ намудани
Барномаи рушди иқтисодии
ноҳияи Ашт барои солҳои
2011-2015

Мутобиқи моддаи 8, 9-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъаларо «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди иқтисодии ноҳияи Ашт барои солҳои 2011-2015» шунида, муҳокима карда,

Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ашт

қарор мекунад :

1. Барномаи рушди иқтисодии ноҳия барои солҳои 2011-2015 ҳамчун асос тасдиқ карда шавад .

Раиси маҷлис З. Мамадҷонов

Шуъбаи умумӣ

БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барнома дар доираи «Барномаи рушди деҳот», ки аз ҷониби БРСММ, Агентии ҳамкории байналмиллалии Олмон ва Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ маблағгузорӣ карда мешавад, таҳия шудааст.

*1. Арзиши БР–и ноҳия аз рӯи бахшҳо барои давраи солҳои 2011 – 2015*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Блоки иқтисодӣ | 119227 | 24051,8 | 23793,8 | 23793,8 | 23793,8 | 23793,8 |
| • Кишоварзӣ | 22176,9 | 5537,66 | 4159,81 | 4159,81 | 4159,81 | 4099,81 |
| • Саноат | 49088 | 9817,6 | 9817,6 | 9817,6 | 9817,6 | 9817,6 |
| • СХМ | 955 | 191 | 191 | 191 | 191 | 191 |
| Блоки иҷтимоӣ | 33078,9 | 7807,3 | 6519,35 | 6265,85 | 6237,85 | 6188,55 |
| • Маориф | 22176,9 | 5537,66 | 4159,81 | 4159,81 | 4159,81 | 4159,81 |
| • Тандурустӣ | 9649,2 | 2032,24 | 2122,24 | 1850,24 | 1822,24 | 1822,24 |
| • Маданият, фароғат ва варзиш | 2057,8 | 398,4 | 398,3 | 416,8 | 416,8 | 427,5 |
| Инфрасохтор | 220438,0 | 23462,68 | 49413,68 | 49337,68 | 49337,68 | 49337,58 |
| • Таъминоти об | 14564,7 | 2906,8 | 2936,9 | 2906,8 | 2906,8 | 2906,8 |
| • ХКМ | 1670 | 334 | 334 | 334 | 334 | 334 |
| • Барқтаъминкунӣ | 94880,8 | 18976,18 | 18976,18 | 18976,18 | 18976,18 | 18976,08 |
| • Нақлиёт ва алоқа | 109322,5 | 1245,7 | 27166,6 | 27120,7 | 27120,7 | 27120,7 |
| Ҳифзи муҳити зист ва ҲФ | 2447,0 | 559,4,0 | 471,7 | 471,7,0 | 471,9 | 472,2 |
| Блоки идоракунӣ | 630 | 69 | 69 | 69 | 219 | 204 |
| Ҳамагӣ арзиши БРН: | 375815,9 | 55389,78 | 80266,53 | 79465,33 | 80059,23 | 79995,13 |

*2. Арзиши БР аз рӯи сарчашмаҳои маблаггузорӣ*

| Сарчашмаҳо | Ҳамагӣ | % аз арзиши умумӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Буҷаи маҳаллӣ | 20792,70 | 5,5 | 4058,82 | 4111,17 | 4127,57 | 4249,67 | 4244,87 |
| Буҷаи вилоятӣ | 18098,70 | 4,8 | 4730,54 | 3376,34 | 3330,44 | 3330,44 | 3330,94 |
| Буҷаи ҷумҳурӣ | 16724,30 | 4,4 | 3344,86 | 3344,86 | 3344,86 | 3344,86 | 3344,86 |
| Маблағгузории хориҷӣ[1] | 52369,52 | 13,9 | 6424,63 | 11553,79 | 11493,79 | 11493,81 | 11493,85 |
| Маблағи аҳолӣ | 58352,60 | 15,5 | 11132,4 | 11665,2 | 11193,5 | 11665,2 | 11605,2 |
| Лоиҳаҳое, ки манбаъи маблағгузорӣ надоранд | 209478,08 | 55,7 | 25698,53 | 46215,17 | 45975,17 | 45975,25 | 45975,41 |
| Ҳамагӣ: | 375815,9 | 100 | 55389,78 | 80266,53 | 79465,33 | 80059,23 | 79995,13 |

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| АИО | Ассотсиатсияи истифодабарандагони об |
| БИР | Бонки Исломии Рушд |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| БРН | Барномаи рушди ноҳия |
| БМД | Барномаи маблағгузории давлатии грантҳо ва сохтмонҳои асосӣ дар давраи солҳои 2011-2013 |
| БР | Барномаи Рушд |
| БМН | Беморхонаи марказии ноҳия |
| ВНМ | Вируси Норасоии Масуният |
| ВРИ | Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ |
| ВТҶТ | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ИМТ | Истгоҳи мошину трактор |
| КАТС | Кумаки аввалини тиббӣ-санитарӣ |
| КШФ | Канали Шимолии Фарғона |
| МТ | Муассисаи томактабӣ |
| МСМ | Маводи сӯзишворию молиданӣ |
| МваА | Мониторинг ва Арзёбӣ |
| МСД | Маркази Саломатии Деҳот |
| МИХД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| НБО | Неругоҳи барқии обӣ |
| НКС | Нақшаи кори солона |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СРН | Садамаи роҳӣ - нақлиётӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2012 |
| ТТСҲ | Ташаккули тарзи солими ҳаёт |
| ХДО | Хоҷагии давлатии об |
| ҶХЧ | Ҷумҳурии Халқии Чин |
| ФҚХ | Фонди қарздиҳии хурд |
| ШСА | Шӯъбаи сохтмони асосӣ |
| ҲФ | Ҳолатҳои фавқулодда |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |
| SWOT | Тарафҳои қавӣ ва заиф, имконият ва хатарҳо |

## Мурочиатномаи раис ба аҳолии ноҳия

**Ҳамдиёрони азиз!**

Мардуми меҳнатқарини ноҳия бо меҳнати самаранок ва амалҳои некбинонаи худ барои бунёди ҷомеаи навин, рушди бомароми соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум сарҷамъона саъю кушиш намуда, баҳри таъмини иҷроиши барномаҳои давлатӣ ва соҳавӣ захираву имкониятҳои мавҷударо равона карда истодаанд.

Аз замони соҳибистқлол гаштани кишвар, ноҳия дар соҳаҳаи иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва маданият ба як қатор муваффақиятҳо ноил гардид. Имрӯзҳо обрӯву нуфузи кишвари куҳани мо дар корҳои бунёди давлати мутараққӣ мустаҳкам шуда истодааст.

Таҳлилу омӯзиши вазъи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия муайян намуд, ки афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ ба назар расида, барои беҳдошти ҳолати иҷтимоӣ андшидани чораҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд. Дар баробари ин муайян гардид, ки дар назди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ як қатор муаммоҳое мавҷуд мебошад, ки бе ҳалли онҳо таъмини рушди минбаъдаи соҳаҳо мушкил мебошад. Бинобар ин таъмини рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии ноҳия эҳёи инфраструктураи иқтисодию иҷтимоӣ,ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, саноат, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳифзи захираҳои табиатро тақозо менамояд.

Барои ин, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории зичи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунии маҳаллӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ лозим аст. Инчунин барои ин аниқ муайян намудани захираҳои мавҷуда, истифодаи самараноки буҷаи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, ҷалби маблағгузориҳои дохиливу хориҷӣ ва иштироки аҳолӣ зарур аст.

Амалигардонии барномаи мазкур барои инкишофи иқтидори мақомоти маҳаллӣ дар идоракунии хоҷагии халқи ноҳия, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва афзоиши истифодаи имкониятҳо, ниҳоят муҳим аст.

Аз фурсат истифода бурда, мехоҳам аз номи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, БРСММ, аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва ба ҳама касоне, ки дар таҳияи ин Барномаи мазкуро саҳми худро гузоштаанд, арзи сипос намоям.

Умед дорам, ки бо кӯшиши якҷоя мо метавонем ба мақсадҳои ниҳоии рушд ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардуми ноҳияи хеш ноил гардем.

Дар ин ҷода ба ҳамаи мо муваффақиятҳо таманно дорам.

# Мундариҷа


**Пешгуфтор ........ 8**

**Боби 1. Тафсири умумӣ ........ 9**
*1.1. Мавқеъи ҷуғрофӣ ва тақсимоти ҳудудӣ-маъмурӣ ........ 9*
*1.2. Шарҳи мухтасари таърихӣ ........ 9*
*1.3. Хусусиятҳои табиӣ ва иқлим ........ 10*
*1.4. Демография ........ 10*
*1.5. Тамоюлоти асосии иҷтимоиву иқтисодӣ ........ 11*
*1.6. Биниши рушди ноҳия ........ 12*

**Боби 2. Таҳлили ҳолати воқеӣ ва шарҳи стратегия аз рӯи бахшҳо ........ 14**
2.1. Иқтисодиёт ........ 14
*2.1.1. Кишоварзӣ ........ 14*
*2.1.2. Саноат ........ 19*
*2.1.3. Соҳибкории хурду миёна ........ 22*
*2.1.4. Стратегия ва масъалаҳои бахши иқтисодӣ ........ 25*
2.2. Бахши иҷтимоӣ ........ 27
*2.2.1. Маориф ........ 27*
*2.2.2. Тандурустӣ ........ 31*
*2.2.3. Ҳифзи иҷтимоӣ ........ 34*
*2.2.4. Маданият ва фароғат ........ 37*
*2.2.5 Стратегия ва вазифаҳои бахши иҷтимоӣ ........ 38*
2.3. Инфрасохтор ........ 43
*2.3.1 Хоҷагии манзилию коммуналӣ ........ 43*
*2.3.2 Нақлиёт ва коммуникатсия ........ 46*
*2.3.3. Стратегия ва масъалаҳои бахши инфрасохтор ........ 48*
2.4. Ҳифзи муҳити зист ........ 52
*2.4.1. Ҳолатҳои фавқулодда ........ 52*
*2.4.2. Бехатарии экологӣ ........ 52*
*2.4.3. Стратегия ва масъалаҳои бахши ҳифзи муҳити зист ........ 54*
2.5. Таъминоти захиравӣ ........ 56
*2.5.1. Захираҳои дохилии ноҳия ........ 56*
*2.5.2. Захираҳои беруна ........ 59*
*2.5.3. Стратегия ва вазифаҳо оид ба беҳтаргардонии иқтидорҳои захиравӣ ........ 60*
*2.5.4. Таъминоти молиявии БР ........ 61*

**Боби 3. Мониторинг ва арзёбӣ ........ 63**

# Пешгуфтор

Барномаи рушди (БР) ноҳияи Ашт дар доираи Барномаи рушди деҳот, ки аз ҷониби БРСММ, Департаменти рушди байналхалқии Британияи Кабир, оҷонсии ҳамкории байналхалқии Олмон маблағгузорӣ мешавад ва бо дастгирии Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдои ҶТ таҳия шудааст.

Барномаи мазкур аз ҷониби Гурӯҳи махсус созмондодашуда, бо дастгирии Шӯрои рушди ноҳия, дар натиҷаи таҳлили вазъи иҷтимоиву иқтисодии ноҳия, таҳия шудааст. Дар Барнома самтҳои афзалиятноки рушди соҳаҳои асосии хоҷагии халқ ба назар гирифта шудаанд. Мақсади асосии БР муайян намудани муаммоҳои воқеии мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳар як бахш, бо назардошти ҳадафҳои умумимиллӣ, ки дар Стратегияи миллии рушд (СМР), Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ (СПКСК) ва Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (МРҲ) ифода ёфтаанд.

Барнома дар марҳилаҳои зерин таҳия гардидааст:

Гурӯҳи корӣ барои таҳияи БР ноҳия ва гурӯҳҳои ташаббускори бахшҳо, ки дар таҳлили вазъияти деҳаву шаҳракҳои ноҳия, барои муайян намудани мушкилот ва афзалиятҳои асосии рушд, инчунин дар таҳияи дурнамо ва мақсадгузорӣ, фаъолона иштирок намудаанд;

Таҳияи лоиҳаи БР барои панҷ соли оянда, дар асоси фаъолияти кории гурӯҳҳои бахшҳо;

Муҳокимаи БР таҳияшуда бо иштироки мутахассисон ва дар байни аҳолӣ (тавассути гузаронидани муҳокимаи ҷамъиятӣ).

Барномаи мазкур миёнамӯҳлат буда, дар ҳар панҷ сол як маротиба таҳия мешавад, соле як маротиба рафти иҷроиши он мавриди баррасӣ қарор дода мешавад ва бо назардошти натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳия ба Барнома тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд.

Матни Барнома дорои чунин сохтор мебошад:

*Боби 1* шарҳи вазъи умумии ноҳия бо назардошти тарафҳои қавию заиф ва биниши рушдро дар бар мегирад;

*Боби 2* таҳлили муфассали ҳамаи бахшҳо, аз ҷумла, иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ, инфрасохтор ва ҳифзи муҳити зист, инчунин иқтидорҳои захиравии мавҷударо дар бар мегирад;

*Дар боби 3* оид ба тартиби гузаронидани мониторинг ва арзёбии БР маълумот дода мешавад.

# БОБИ 1. ТАФСИРИ УМУМӢ

## 1.1. Мавқеъи ҷуғрофӣ ва тақсимоти ҳудудӣ - маъмурӣ

Масоҳати умумии ноҳияи Ашт 2790 км$^2$ буда, он дар қисми шимолу шарқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Ноҳияи Ашт дар ҳайати вилояти Суғд шомил мебошад.

Ашт - ноҳияи сарҳадӣ: аз ҷануб, шарқ ва шимол бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад буда (бо ноҳияи Бешариқи вилояти Фарғона, бо ноҳияи Попи вилояти Намангон ва бо ноҳияи Оҳангарони вилояти Тошканд), аз ғарб бошад, бо ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ҳамсарҳад аст. Ба ҳолати 1.01 соли 2011 шумораи умумии аҳолии ноҳия 136,5 ҳазор нафар ва зичии аҳолӣ 48,9 нафарро дар 1 км$^2$ ташкил намуд.

Маркази маъмурии ноҳия шаҳраки Шайдон мебошад, ки дар масофаи 107 км аз маркази вилоят ва 403 км аз пойтахти кишвар ҷойгир шудааст.

Ноҳияи Ашт аз 8 ҷамоат - Понғоз, Қамишқӯрғон, Шодоба, Ошоба, Қирққудуқ, Ҷарбулоқ, Ашт, Пунук ва ҷамоати шаҳраки Шайдон иборат мебошад, ки ба ҳайати онҳо 50 деҳа ва маркази ноҳия шомиланд.

*Нақшаи 1. Харита - нақшаи ноҳияи Ашт*




## 1.2. Шарҳи мухтасари таърихӣ

Ноҳияи Ашт яке аз минтақаҳои қадимтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Сарчашмаҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар асрҳои Х1Х-ХХ ҳудуди ноҳияи Ашт ба се волост тақсим шуда буд: Ашт, Бободархон ва Чодак. Моҳи октябри соли 1924, дар натиҷаи тақсимоти миллӣ, ноҳияи Ашт ба ҳайати вилояти Намангони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид гардид. Соли 1924, ноҳия аз ҳайати вилояти Наманган хориҷ гардида, ба ҳайати уезди Хуҷанди вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дохил карда шуд. 29-уми сентябри соли 1926, бо фармони Кумитаи марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ашт ба ҳайати вилояти Фарғона гузаронида шуда, номи он ба ноҳияи Гудос иваз карда мешавад. 10 - уми майи соли 1929, ноҳияи Ашт, дар ҳайати округи Хуҷанд ба ҳайати ҶШС Тоҷикистон дода шуд. Маркази маъмурии ноҳияи Ашт то кунун шаҳраки Шайдон мебошад.

### 1.3. Хусусиятҳои табиӣ ва иқлим

Ноҳия дар нишебиҳои силсилакӯҳи Қурама ва дар қисми шимолии водии Фарғона (соҳили рости дарёи Сир) ҷойгир аст. Ҳудуди ноҳия ландшафти ноҳамвор дошта, аз шимолу ғарб то доманаи силсилакӯҳи Қурама паҳн гашта ва аз ҷанубу шарқ қисми шимолии ҳамвориҳои водии Фарғонаро фаро гирифтааст. Қуллаи Бобои Об нуқтаи баландтарини ноҳия ва силсилакӯҳи Қурама (3768 метр аз сатҳи баҳр) ба шумор рафта, нуқтаи пасттарини он сатҳи обанбори Қайроққум (346м) мебошад.

Ба иқлими ноҳия тобистони хушку гарм хос буда, зимистонаш нисбатан сард мебошад. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи июл аз $25^0$ то $27^0$С, ва дар моҳи январ аз -1С то -8С мешавад. Дар ноҳия боришот зиёд аст (то 180 – 200 мм, дар як сол). Ба минтақаҳои кӯҳсор, тобистони нисбатан салқин, зимистони сард ва боришоти хеле зиёд (дар як сол то 400 мм) хос аст. Ноҳияи Ашт дорои сарватҳои зиёди табиӣ мебошад: конҳои полиметаллӣ (нуқра, мис, флюорит, қалъагӣ, руҳ), намаки ошӣ, маводи хоми сохтмонӣ, мармар, санги хоро ва обҳои шӯр. Набототи ноҳия шакли даштӣ дошта, дорои алафи зиёд ва дарахтони бисёре, ба монанди, арча, бодом ва дӯлона мебошад.

### 1.4. Демография

Шумораи аҳолии ноҳияи Ашт ба ҳолати 1 январи соли 2011 - 136456 нафар мебошад, ки 9,8 фоизи он дар шаҳр ва 90,2 фоизи он дар деҳот зиндагӣ мекунанд.

*Ҷадвали 1. Шумораи аҳолии ноҳияи Ашт дар солҳои 2008-2010 (ҳаз. нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | солҳо | | | Суръати афзоиш дар с.2010 нисбати соли 2008 | Суръати азоиш миёнаи солона % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 | | |
| Ҳамагӣ аҳолии ноҳия | 130,7 | 133,9 | 136,5 | 104,4 | 1,47 |
| Аз ҷумла | | | | | |
| - дар посёлка | 13,0 | 13,4 | 13,4 | 103,1 | 1,00 |
| - дар деҳот | 117,7 | 120,5 | 123,1 | 104,6 | 1,53 |
| Вазни қиёсии аҳолӣ бо % | | | | | |
| - дар посёлка | 9,9 | 10,0 | 9,8 | 99,0 | |
| - дар деҳот | 90,1 | 90,0 | 90,9 | 100,9 | |

Соли 2010 шумораи аҳолӣ дар муқоиса бо соли 2008 - 5,8 ҳаз. нафар (ё 4,4%) зиёд шуд. Суръати афзоиши миёнасолона 1,47 фоизро ташкил медиҳад. Мувофиқи нишондодҳои дурнамо[2] пешбинӣ шудааст, ки дар соли 2015 афзоиши табиии аҳолӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои солҳои 2011 дар ҳаҷми 8,0 фоиз зиёд мешавад.

*Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши аҳолии ноҳияи Ашт дар солҳои 2011 – 2015*

| Нишондодҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | 2015 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с. 2014 | с.2015 | |
| Шумораи миёнаи солонаи аҳолӣ, ҳамагӣ (ҳаз. наф.) аз ҷумла | 140,0 | 142,7 | 145,5 | 148,3 | 151,2 | 108,0 |
| Шаҳр | 13,7 | 13,9 | 14,1 | 14,3 | 14,5 | 105,8 |
| Деҳот | 126,3 | 128,8 | 131,4 | 134,0 | 136,7 | 108,2 |

Соли 2010 дар муқоиса бо соли 2008 шумораи хоҷагиҳои аҳолии ноҳия ба 4,7 фоиз зиёд шудааст. Шумораи миёнаи аъзоёни хоҷагиҳо ба ҳолати 1 январи соли 2011 - 4,5 нафарро ташкил дод.

---

[2] Дурнамои рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Ашт ба солҳои 2011 – 2015, дар Замимаи №1- и ҳамин БРН муфассал тасвир ёфтааст.

*Ҷадвали 3. Шумораи хоҷагиҳои хонаводагиҳои ноҳия дар солҳои 2008- 2010*

| Номи ҷамоатҳо | 2008 сол | | | 2009 | | | 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шум. хоҷ. (воҳ.) | Шум. аҳолӣ (наф) | Шум. аъз. хоҷ. (наф.) | Шум. хоҷ. (воҳ.) | Шум. аҳолӣ (наф) | Шум. аъз. хоҷ. (наф.) | Шум. хоҷ. (воҳ.) | Шум. аҳолӣ (наф) | Шум. аъз. хоҷ. (наф) |
| Шайдон | 4194 | 18945 | 4,5 | 4206 | 19395 | 4,6 | 4217 | 19510 | 4,6 |
| Понғоз | 5796 | 24444 | 4,2 | 5841 | 23675 | 4,1 | 5907 | 25759 | 4,4 |
| Қамишқӯрғон | 2714 | 11237 | 4,1 | 2768 | 11443 | 4,1 | 2814 | 11776 | 4,2 |
| Шодоба | 1504 | 7620 | 5,1 | 1609 | 7841 | 4,9 | 1654 | 7930 | 4,8 |
| Ошоба | 3695 | 17682 | 4,8 | 3904 | 18103 | 4,6 | 4001 | 18700 | 4,7 |
| Қирққудуқ | 2027 | 9882 | 4,9 | 2175 | 10159 | 4.7 | 2231 | 10062 | 4,5 |
| Ҷарбулоқ | 3205 | 15318 | 4,8 | 3439 | 15726 | 4,6 | 3474 | 15612 | 4,5 |
| Ашт | 4085 | 17991 | 4,4 | 4235 | 18523 | 4,4 | 4355 | 19114 | 4,4 |
| Пунук | 1669 | 7538 | 4,5 | 1736 | 7717 | 4,4 | 1801 | 7993 | 4,4 |

Таркиби этникии аҳолии ноҳияро 77,3 фоиз тоҷикон, 22,5 фоиз ӯзбекон ва 0,2 фоиз дигар миллатҳо ташкил медиҳанд. Қисми асосии аҳолиро мардуми синну соли миёна ташкил медиҳанд ва ҳиссаи кӯдакону наврасон низ зиёд мебошад.

*Ҷадвали 4. Аҳолӣ аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ дар солҳои 2008 – 2010 (ҳаз. наф.)*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Аҳолии то сини 14 сола (кӯдакон) | 45,4 | 46,6 | 47,4 |
| Аҳолии синну соли миёна (қобили меҳнат) | 69,5 | 71,2 | 72,6 |
| Аҳолии синусоли нафақа (нафақахӯрон) | 9,1 | 9,4 | 9,5 |

Солҳои охир, аз сабаби кам будани ҷойҳои корӣ, бозмондани истеҳсолот ва паст будани маош, як қисми аҳолӣ, бо мақсади ба даст овардани маблағи кофӣ, ба хориҷа муҳоҷрат намудаанд. Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҳолати 1 январи соли 2010 - 12340 нафарро ташкил намуд, ки ин 940 нафар ё 8,1 фоиз нисбат ба соли 2008 зиёд мебошад. Рафтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа ба иқтисодиёти ноҳия таъсири ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Аз як тараф маблағҳои пулӣ ворид мегарданд, ки ба афзоиши сатҳи даромади оилавӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад. Аз тарафи дигар бошад, дар натиҷаи муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат, мушкилии норасоии кадрҳо зиёд мегардад.

Захираҳои меҳнатии ноҳия тамоюлоти зиёдшавӣ дорад, ки он соли 2010 - 70,8 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати соли 2008 1,2 ҳаз. нафар зиёд мебошад. Суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ 101,7 фоизро ташкил медиҳад.

### 1.5. Тамоюлоти асосии иҷтимоӣ - иқтисодӣ

Иқтисодиёти ноҳия аз бахшҳои зиёд иборат аст, аммо дар таркиби ин бахшҳо мавқеи асосиро соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат ишғол мекунанд. Соҳаи кишоварзии ноҳия асосан, аз пахтакорӣ, ғаллакорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ иборат аст. Мушкилоти асосии дар соҳаи кишоварзӣ ин парокандашавии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба қисмҳои хурд, бад шудани вазъи обёрии заминҳо ва мавҷуд набудани тартиби самараноки идоракунии обёрӣ, ташкили сусти дастрасии деҳқонон ба васоити истеҳсолӣ ва бозори фурӯши маҳсулот, инчунин ба қарзгирӣ ва омӯзиш мебошад.

Дар рушди бахши саноати ноҳия, нақши асосиро корхонаҳо оид ба коркарди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва муассисаҳои истеҳсолкунандаи намак, мебозанд. Дар ноҳия иқтидори бузурги рушди саноати коркарди мева ва ангур мавҷуд аст. Мушкилоти асосии рушди корхонаҳои саноатӣ таъмин намудан бо ашёи хом (аз ҷумла, пахта), бозори фурӯши маҳсулот, иқтидори сусти идоракунӣ ва набудани нақшаи тиҷоратӣ, дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ мебошад.

Нақши муҳим дар иқтисодиёти ноҳия, ба рушди соҳибкории хурду миёна вогузор шудааст, ки саҳми он дар соли 2010 38,8 фоизи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва 14,6 фоизи ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ рост меояд. Ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, кам будани захираҳои пулӣ, мавҷуд набудани сиёсати самараноки андозбандӣ ва дастгирии сусти соҳибкорон аз ҷониби давлат монеа шуда истодааст.

Дар маркази ноҳия талабот ба муассисаҳои томактабӣ зиёд шуда истодааст (айни ҳол дар ноҳия 11 муассисаҳои то мактабӣ фаъолият мебаранд, ки ба 1096 нафар хонанда таҳсил мекунанд). Муассисаҳои томактабии ноҳия ниёз ба таъмири асосӣ ва таҷҳизоти муосир доранд.

Дар ноҳия 75 муассисаҳои таълимӣ (56 мактабҳои таҳсилоти умумӣ, 6 макотиби миёнаи махсус ва 4 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 3 гимназия, 1 литсей, 1 маркази таҳсили иловагӣ, 2 маркази таълими касбӣ ва 2 интернат) амал менамоянд, ки дар он 28705 хонандагон таҳсил мекунанд. Муҳоҷирати корӣ барои давом додани таҳсили ҷавонон дар синфҳои болоӣ монеа гардида ба кам шудани шумораи омӯзгорон низ таъсир расонидааст. Ҳамаи мактабҳои ноҳия ба маблағгузории сарикасӣ гузаронида шудааст, аммо бо сабаби кам будани маблағ бо як қатор мушкилот дучор мешавад, аз ҷумла, фарсудашавии биноҳо ва таҷҳизот, нарасидани таҷҳизот ва асбобу аёнии хониш, мушкилоти ташкили гармкунӣ, нарасидани китобҳои дарсӣ.

Масъалаҳои аввалияи ҳифзи саломатӣ дар ноҳия, кам кардани шумораи фавти модару кӯдак, мубориза зидди бемориҳои сирояткунанда ва гузариш ба шакли самараноки хизматрасонӣ (табибони хонагӣ ва системаи маблағгузории сарикасӣ) мебошанд. Вобаста ба ин ҳоло дар ноҳия мушкилот, ба монанди, паст намудани нишондодҳои фавти кӯдаку модар, бемориҳои сирояткунанда, баланд бардоштани самаранокии расонидани ёрии аввал ба аҳолӣ, беҳтар намудани вазъи биноҳо ва инфрасохтори муассисаҳои тиббӣ, вуҷуд доранд. Инфрасохтори соҳаи тандурустӣ дар ноҳия дар бар мегирад: беморхонаи марказии ноҳия, 5 беморхонаи минтақавӣ, 3 бунгоҳи тиббии ноҳиявӣ, 17 бунгоҳи тиббии деҳот ва 37 хонаҳои тиббӣ.

Дар ноҳияи Ашт вазифаи асосии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, кам кардани шумораи бекорон, кӯмак намудан ба муҳоҷирати меҳнатии қонунӣ, кам кардани шумораи мушкилоти иҷтимоӣ ва беҳтар намудани инфрасохтори иҷтимоии ноҳия мебошад.

Дар назди ноҳия зарурати рушди инфрасохтори маданият ва фароғат низ истодааст. Айни ҳол дар ноҳия 29 китобхона, 27 муассисаи клубӣ, 9 кинотеатр, як осорхонаи аграрӣ - таърихӣ ва як мактаби бачагонаи санъат, 3 варзишгоҳ, 23 толори варзишӣ, 64 майдончаи варзишӣ, 1 ҳавзи шиноварӣ ва мактаби варзишии кӯдакону наврасон амал мекунад.

Барои таъмини дастрасии аҳолии ноҳия ба инфрасохтори заминавӣ масъалаҳои фароҳам овардани таъмини оби нӯшокӣ, хизматрасонии санитарӣ, ташкили самараноки коркарди дубораи партов, ҳалли масъалаҳои манзил бо назардошти афзоиши аҳолӣ, беҳтар гардонидани сифати роҳҳоро ҳал бояд намуд.

Дараҷаи баланди таҳдиди ҳолатҳои фавқулодда (асосан, селҳо) ба мавзеҳои аҳолинишини ноҳияро ба ба назар гирифта, зарурати тартиби огоҳнамоии самаранокро ташкил намуд.

Дар масъалаи экологии ноҳия бошад, бояд вазъи санитарии нуқтаҳои аҳолинишинро беҳтар намуда, мушкилоти дегродатсия ва шӯршавии хок, кам шудан ва нест шудани ҷангал, паҳншавии зараррасонҳо ва сатҳи пасти огоҳнокии экологии аҳолиро ҳал намуд.

Ашт ноҳияи субвенсионӣ буда, ҳамасола аз ҳисоби буҷети вилоятӣ кумаки молиявӣ мегирад. Маблағҳои буҷет, асосан ба бахши иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ) равона карда мешавад. Ноҳия норасоии маблағро, ки барои маблағгузории асосӣ ва рушд равона намудан мумкин аст, эҳсос мекунад.

## 1.6. Биниши рушди ноҳия

*Ашт - ноҳияест бо бахши кишоварзии инкишофёфта, ки қобилияти мутобиқшавӣ ба шароитҳои тағйирёбанда дорад, инчунин дорои саноати коркардкунанда ва инфрасохтори муосир буда, бо бахши хусусӣ, туризми инкишофёфта ва бо сатҳи баланди некуаҳволии аҳолӣ мебошад.*

Биниши мазкур дар натиҷаи таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи ноҳия таҳия гардидааст.

*Ҷадвали 5. SWOT таҳлили ноҳияи Ашт*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| • Мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ;<br>• Алоқамандии якҷояи кӯшишҳои мақомоти иҷроия, соҳибкорон ва аҳолӣ барои рушди ноҳия;<br>• Таҷрибаи пешқадам ва шароитҳои мусоиди иқлимӣ барои рушди кишоварзӣ;<br>• Захираҳои сарватҳои табиии маъданҳо ва ашёи хом барои истеҳсолот (конҳои полиметаллӣ, намаки ошӣ, масолеҳи сохтмон);<br>• Рушди туризм ва бахши хусусӣ;<br>• Мавҷудияти муассисаҳои саноатӣ оид ба коркарди намак;<br>• Анъанаҳои хуби миллии маҳфуз монда;<br>• Мавҷудияти инфрасохтори муҳандисӣ. | • Нарасидани ҷойҳои корӣ ва маоши кам;<br>• Ба пуррагӣ истифода нашудани иқтидорҳои истеҳсолӣ;<br>• Фарсудашавӣ ва корношоямии техникаи дар муассисаҳои саноатӣ ва дар соҳаи кишоварзӣ вуҷуд дошта;<br>• Зарурати таъмири инфрасохтори мавҷуда;<br>• Норасоии воситаҳои пулӣ барои маблағгузории рушди бахшҳои хоҷагии халқ;<br>• Бад шудани вазъи мелиоративии заминҳо;<br>• Ҳолати бади роҳҳои автомобилгард. |
| Имкониятҳои беруна | Хатарҳо |
| • Гузаронидани ислоҳот соҳаи кишоварзӣ;<br>• Барномаи давлатӣ оид ба идоракунии самараноки захираҳои обии водии Фарғона;<br>• Ҳавасмандии роҳбарони давлатӣ барои кушодани заминҳои нав дар ноҳияи Ашт;<br>• Мавҷудияти Барномаи рушди вилояти Суғд;<br>• Ҳавасмандии ташкилоти байналхалқӣ ва донорӣ барои маблағгузории рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ноҳия;<br>• Мавҷудияти ташаббуси давлатӣ оид ба сохтани НБО-ҳои хурд дар ҳудуди ноҳияи Ашт;<br>• Мавҷудияти квотаҳо ва грантҳо барои дохил шудан ба макотиби олӣ;<br>• Ҳавасмандии муассисаҳои молиявӣ барои ташкили фаъолият дар ҳудуди ноҳияи Ашт;<br>• Сарҳадҳои умумӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон;<br>• Мавҷуд будаи барномаҳои давлатӣ оид ба сохтмони муассисаҳои таълимӣ;<br>• Мавҷуд будани стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010 – 2020. | • Офатҳои табиӣ (сел, ярч, хушксолӣ);<br>• Таъсири бӯҳрони молии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти ноҳия;<br>• Муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос;<br>• Эпидемия ва пандемия (зукоми парранда);<br>• Сатҳи баланди таваррум;<br>• Вазъи сиёсии ноустувор бо кишварҳои ҳамсоя;<br>• Ҳуҷуми малах;<br>• Деградатсияи замин;<br>• Тағйирёбии иқлим;<br>• Ихтилофот оид ба идоракунии захираҳои обӣ. |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ВОҚЕӢ ВА ШАРҲИ СТРАТЕГИЯ АЗ РӮИ БАХШҲО

## 2.1. Иқтисодиёт

### 2.1.2. Кишоварзӣ

***Нақш дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти ноҳияи Ашт нақши муҳимро мебозад. Соҳаи кишоварзии ноҳия аз растанипарварӣ (пахтакорӣ ва ғалладонагӣ), токпарварӣ, парвариши меваю сабзавот ва чорводорӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 75 фоиз аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти ноҳияро ташкил медиҳад.

Рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, инчунин аҳамияти иҷтимоӣ низ дорад, зеро 90 фоизи аҳолии ноҳия дар деҳот зиндагӣ намуда, 70 фоизи аҳолии қобили меҳнати ноҳия маҳз дар ҳамин соҳаи иқтисодиёт фаъолият дорад.

***Сохтори кишоварзӣ.*** Дар бахши кишоварзии ноҳия 2 хоҷагии давлатӣ, 2 хоҷагии ҷамъиятӣ, 656 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), 25 хоҷагиҳои ёрирасон, 2 хоҷагии ҷангал ва 1 ташкилоти илмӣ - истеҳсолӣ амал менамоянд. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 610 (ё 93%) -то он инфиродӣ, ва 46 (ё 7%)-тои он коллективӣ мебошанд. Ҳамзамон 116 (ё 17,%) - и ҳамаи хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҷониби занҳо роҳбарӣ карда мешаванд.

*Ҷадвали 6. Шумораи хоҷагиҳои ноҳия аз рӯи ҷамоатҳо (адад)*

| Ҷамоатҳо | Хоҷагиҳои давлатӣ | | | Хоҷагии ҳавлигӣ | Хоҷагии деҳқонии инфиродӣ | Хоҷагии деҳқонии коллективӣ | Хоҷагии ёрирасон | Хоҷагиҳои ҷамъиятӣ | Ҳамагӣ хоҷагиҳо | Бо % | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Парвариши зотҳо | Ҷангал | Ниҳолҳо | | | | | | | Хоҷагии ҳавлигӣ | Хоҷагии деҳқонии инфиродӣ | Хоҷагии деҳқонии коллективӣ | Хоҷагии ёрирасон | Хоҷагиҳои ҷамъиятӣ |
| Шайдон | 1 | 1 | - | 4194 | 61 | 5 | 7 | - | 66 | 14,5 | 10,0 | 10,9 | 28,0 | - |
| Понғоз | - | - | - | 5796 | 113 | 7 | - | - | 120 | 20,1 | 18,5 | 15,2 | - | - |
| Қамишӯрғон | - | - | 1 | 2714 | 151 | 1 | 3 | - | 152 | 9,4 | 24,7 | 2,2 | 12,0 | - |
| Шодоба | - | - | - | 1504 | 27 | 4 | 7 | - | 31 | 5,2 | 4,4 | 8,7 | 28,0 | - |
| Ошоба | - | - | - | 3695 | 26 | 1 | 1 | 1 | 27 | 12,8 | 4,3 | 2,2 | 4,0 | 50,0 |
| Қирққудуқ | - | - | - | 2027 | 12 | - | - | 1 | 12 | 7,0 | 2,0 | - | - | 50,0 |
| Ҷарбулоқ | - | 1 | - | 3205 | 136 | 14 | 5 | - | 150 | 11,1 | 22,3 | 30,4 | 20,0 | - |
| Ашт | - | - | - | 4085 | 64 | 13 | 2 | - | 77 | 14,1 | 10,5 | 28,2 | 8,0 | - |
| Пунук | - | - | - | 1669 | 20 | 1 | - | - | 21 | 5,8 | 3,3 | 2,2 | - | - |
| Ҳамагӣ: | 1 | 2 | 1 | 28889 | 610 | 46 | 25 | 2 | 656 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

Дар натиҷаи мунтазам амали намудани ислоҳоти иқтисодӣ, шумораи хоҷагиҳои фермерӣ афзуда истодааст. Соли 2010 дар муқоиса бо соли 2008 шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 274 адад (ё 71,7%) зиёд гардидааст. Аз як тараф ин барои рушди ташаббуси хусусӣ кӯмак намуда, аз тарафи дигар ба парокандагии хоҷагиҳо, идоракунӣ, дастрасӣ ба бозор ва васоити истеҳсолот таъсири манфӣ мерасонад.

Рушди соҳаи кишоварзӣ, ба сатҳи таъминот бо техникаи кишоварзӣ алоқаи зич дорад.

*Ҷадвали 7. Маълумот оид ба техникаи кишоварзӣ дар ноҳия*

| № | Номгӯи тракторҳо | Ҳамагӣ | Омодагӣ (воҳ.) | Омодагӣ (%) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо, аз ҷумла | 468 | 249 | 53,2 |
| | шудгоркунанда | 95 | 58 | 61,0 |
| | чархдор | 373 | 191 | 51,2 |
| 2 | Автомобилҳо | 258 | 80 | 31,0 |
| 3 | Комбайнҳо | 14 | 8 | 57,1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4 | Ядакҳо | 290 | 143 | 49,3 |
| 5 | Досҳои тракторӣ | 22 | 6 | 27,2 |
| 6 | Алафдаравҳо | 15 | 4 | 26,7 |
| 7 | Пресскунакҳо | 16 | 4 | 25,0 |
| 8 | Тухмипошакҳо | 114 | 80 | 70,1 |
| 9 | Култиваторҳо | 129 | 92 | 71,3 |
| 10 | Сипорҳо | 155 | 106 | 68,4 |

Техникаи кишоварзии мавҷуда кӯҳнаю фарсуда буда, ба азнавкуни ниёз дорад вале бинобар сабаби маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ ва мавҷуд набудани қарзҳои имтиёзнок ғайриимкон мебошад.

***Истифодаи замин.*** Ба ҳолати 1 январи соли 2011 масоҳати умумии майдони киштзори ноҳия 166053га (ё 59,5% аз масоҳати умумии ноҳия)-ро ташкил намуд. Аз масоҳати умумии заминҳои кишоварзии ноҳия 29838га ё 18 фоизро замиҳои обёришаванда ташкил медиҳанд. Дар сохтори истифодаи заминҳои кишоварзӣ, бахусус вазни қиёсии чарогоҳҳо (82,2%) зиёд мебошад.

*Ҷадвали 8. Истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар солҳои 2009 – 2010*

| Номгӯй | 2009 | | 2010 | | Тафовут (-;+) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Масоҳат (га) | Вазни қиёс (%) | Масоҳат (га) | Вазни қиёс (%) | Масоҳат (га) | Вазни қиёс(%) |
| Заминҳои кишт | 15170 | 9,1 | 13658 | 8,2 | -1512 | -0,9 |
| Аз ҷумла: обёришаванда | 15052 | 50,4 | 13540 | 45,4 | -1512 | -5,0 |
| Дарахтони бисёрсола | 14433 | 8,7 | 15945 | 9,6 | +1512 | +0,9 |
| Аз ҷумла: обёришаванда | 14433 | 48,7 | 15945 | 53,4 | +1512 | +5,0 |
| Марғзор | 22 | 0,01 | 22 | 0,01 | - | - |
| Аз ҷумла: обёришаванда | 22 | 0,07 | 22 | 0,07 | - | - |
| Чарогоҳҳо | 136428 | 82,2 | 136428 | 82,2 | - | - |
| Аз ҷумла: обёришаванда | 331 | 1,1 | 331 | 1,1 | - | - |
| Ҳамагӣ: | 166053 | 100,0 | 166053 | 100,0 | - | - |
| Аз ҷумла: обёришаванда | 29838 | 100,0 | 29838 | 100,0 | - | - |

Масоҳати умумии заминҳои хоҷагиҳои аҳолӣ 4394 га (ё 2,6 фоизи ҳамаи заминҳои кишоварзӣ), заминҳои наздиҳавлигӣ 990 га (ё 0,6 фоизи ҳамаи заминҳои кишоварзӣ)- ро ташкил менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ноҳия масоҳати заминҳои барои растанипарварӣ истифодашаванда кам шудааст, ки он бо амалигардонии Барномаи рушди мақсадноки боғу токзор вобаста мебошад. Танҳо соли 2010 дар ҳудуди ноҳия дар масоҳати 1606 га боғҳои нав бунёд карда шудааст.

***Обёрӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳо.*** Рушди кишоварзӣ ба ҳолати системаи обтаъминкунӣ алоқаи зич дорад. 93 фоизи заминҳои обёришавандаи ноҳия бо системаи обтаъминкунии автоматӣ обёрӣ мегарданд. Бо мақсади мунтазам таъмин намудан бо об ва истифодаи самараноки иншоотҳои обтаъминнамоӣ, дар ноҳия 2 ташкилоти давлатии хоҷагии об фаъолият дорад, ки дар тавозуни онҳо: 27 нуқтаҳои обтақсимкунӣ, 435 чоҳҳои амудӣ, 870,6 км хатҳои обтаъминкунии байнихоҷагӣ ва 1196,6 км хатҳои дохилихоҷагӣ мавҷуданд. Дар натиҷаи истифодаи зиёд системаҳои обтаъминкунии ноҳия фарсуда шуда ба таъмиру барқароркунӣ ниёз доранд. Бояд ёдовар шуд, ки ҷиҳати барқарор намудани системаҳои обтаъминкунии ноҳия бо дастгирии Бонки Рушди Осиё (БРО) ва Ҳукумати ҷумҳурӣ солҳои 2007 - 2010 дар ноҳия лоиҳаи «Барқароркунии системаи обёрӣ» бо маблағи 8030,8 ҳазор доллари ИМА, амалӣ карда шуд. Айни замон, барои самаранок идора намудани захираҳои об омилҳои зерин монеа мешаванд:

1. Норасоии оби полезӣ барои обёрии заминҳои кишоварзӣ. Бояд қайд кард, ки 70 фоизи майдонҳои пахтаи ноҳияи Ашт, аз ҳисоби канали КШФ, ки обро аз дарёи Сир дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон мегирад, обёрӣ мегардад. Бо сабаби, дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз худ намудани майдони заминҳои нав сатҳи таъминоти об ба канали мазкур кам гардидааст, ки ин ба обёрии майдонҳои пахтаи ноҳия таъсири манфӣ мерасонад.

2. Аз Идораи хоҷагии оби ноҳия дар ҳаҷми 8,1 млн. сомони қарздор будани хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия.

3. Фаъолияти ноустувори АИО -и мавҷуда.

4. Қарзи зиёди хоҷагии об аз ҳисоби ҳаққи истифодаи нерӯи барқ.

5. Норасоии маблағ барои бунёди истгоҳҳои нави обкашӣ, ки мушкилоти обёрии 70% - и заминҳои пахтаро ҳал менамоянд (2 истгоҳи обкашӣ).

6. Маданияти пасти деҳқонон оид ба истифодабарии оқилонаи захираи об ва истифода набурдани технологияҳои навтарини сарфаи об (обёрии қатрагӣ ва ғайра).

Дар ин самт хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияро мавҷудияти ду муаммо: норасогии оби полези ва ҳолати мелиоративии заминҳо ба душворӣ дучор намудааст. Мувофиқи ҳисоботи мутахассисони соҳа аз майдонҳои умумии заминҳои обии ноҳия 7930 гектар ҳолати мелиоративиашон ғйриқаноатбахш мебошад, ки барои афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ монеаи ҷиддӣ мебошад.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи замини ноҳия, дар охири соли 2010 шуршавии 13848 га замин ба вуҷуд омадааст (шӯршавии паст дар 52 фоиз, миёна - 38 фоиз ва баланд дар 10 фоиз мушоҳида мешавад).

Масоҳати заминҳои бо сатҳи баланди обҳои зеризаминӣ (аз 0 то 2 м) 5132 га-ро ташкил медиҳад. Масоҳати заминҳои бо дараҷаи маъданнокшавӣ 1-3 г/л 11886 га ва бо дараҷаи 3-5 г/л 719га-ро ташкил медиҳад. Яке аз сабабҳои чунин ҳолат, вайронкунии нақшаи чорабиниҳои мелиоративӣ, бадшавии ҳолати заҳбурҳо, корҳои бемавриди мелиоративӣ ва обмонӣ мебошанд. Дарозии каналҳои заҳбур 840 км-ро ташкил медиҳанд, ки 60 км он хатҳои байнихоҷагӣ (7%) ва тақрибан 780 км (қариб 93%) хатҳои дохили хоҷагӣ мебошанд.

Солҳои охир корҳо оид ба тозакунии шабакаҳои заҳбур танҳо 3 – 4 фоиз иҷро гардидаанд. Дар натиҷа зиёда аз 50 фоизи (367,2 км) каналҳои дохили хоҷагӣ ва 73 фоизи каналҳои байнихоҷагӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд. Бо сабабҳои мухталиф аз 158 чоҳҳои обкаши ҳамагӣ 20 -25 фоизи онҳо кор мекунанд.

***Зироатҳои асосии кишоварзӣ.*** Зироатҳои асосии кишоварзии ноҳия, пахта, ғалладонагӣ, мева, ангур, картошка, сабзавот, зироатҳои обчакорӣ ва хуроки чорво мебошанд.

*Диаграммаи 1. Вазни қиёсии истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи кишоварзӣ, бо ифодаи пулӣ*




Аз рӯи масоҳати майдони кишт дар ноҳия ҷои аввалро пахтакорӣ, боғҳои мевадиҳанда ва ғалладонагӣ ишғол менамоянд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки таи се соли охир ҳаҷми истеҳсоли сабзавот, обчакорӣ ва мева зиёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагӣ ва пахта кам шудааст.

*Ҷадвали 9. Масоҳати кишти зироатҳои асосӣ, ҳосилнокӣ ва ҳаҷми истеҳсол дар солҳои 2008 – 2010*

| Зироатҳо | 2008 | | | 2009 | | | 2010 | | | Суръати афзоиш дар с. 2010 нисбати с. 2008 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | масоҳат (га) | ҳосилнокӣ (с/га) | ҷамъоварӣ (тон) | масоҳат (га) | ҳосилнокӣ (с/га) | ҷамъоварӣ (тон) | масоҳат (га) | ҳосилнокӣ (с/га) | ҷамъоварӣ (тон) | масоҳат (га) | ҳосилнокӣ (с/га) | ҷамъоварӣ (тон) |
| Ғалладонагӣ | 3370 | 24,7 | 8317,9 | 2999 | 27,5 | 8598,8 | 3066 | 25,9 | 7675,0 | 91,0 | 104,9 | 92,2 |
| Пахта | 7169 | 12,2 | 8152,2 | 6485 | 10,6 | 5565,5 | 5121 | 13,6 | 6417,0 | 71,4 | 111,5 | 77,8 |
| Картошка | 260 | 97,2 | 2526,8 | 297 | 85,1 | 2531,6 | 353 | 56,4 | 1991,0 | 135,8 | 58,0 | 78,8 |
| Сабзавот | 494 | 111,8 | 5522,4 | 616 | 93,4 | 5937,3 | 659 | 108,4 | 7571,0 | 133,4 | 97,0 | 137,1 |
| Обчакорӣ | 222 | 128,2 | 2846,2 | 246 | 116,9 | 2861,0 | 356 | 98,0 | 3266,0 | 160,4 | 76,4 | 114,7 |
| Мева | 6849 | 23,9 | 16366,4 | 6593 | 25,1 | 16529,4 | 6549 | 26,1 | 17107,0 | 95,6 | 109,2 | 104,5 |
| Ангур | 1971 | 5,2 | 929,4 | 1045 | 9,5 | 996,5 | 1019 | 4,3 | 435,0 | 51,7 | 82,7 | 46,8 |
| Хӯроки чорво | 6479 | 14,4 | 9338,0 | 6354 | 22,4 | 14260 | 5920 | 24,1 | 14269,0 | 91,4 | 167,4 | 152,8 |

***Чорводорӣ.*** Чорводорӣ як бахши муҳими кишоварзӣ буда, мавҷудияти чарогоҳҳои ноҳия барои рушди соҳа мусоидат менамояд. Барои аксарияти хоҷагиҳои аҳолӣ фурӯши ҳайвони калони шохдор ва бузу гӯсфанд сарчашмаи асосии даромад ба ҳисоб меравад.

Вазни қиёсии чорводорӣ дар ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар соли 2010 - 51,5 фоизро ташкил намуд. Инчунин соли 2010 ба маблағи 75,3 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардид, ки ин дар муқоиса бо соли 2009 – 11 фоиз зиёд мебошад.

Дар ноҳия солҳои охир дар хоҷагиҳои аҳолӣ афзоиши шумораи чорво ба назар мерасад, ки вазни қиёсии он 90-95 фоиз аз шумораи умумии саршумори чорвои ноҳияро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 10. Шумораи чорвои хонагӣ дар ҳамаи намуди хоҷагидорӣ дар солҳои 2000-2010 (саршумор)*

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2001 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2010 бо% нисбат ба 2000 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои калони шохдор | 17691 | 18647 | 21218 | 26532 | 26577 | 28094 | 158,8 |
| Бузу гӯсфнд | 95066 | 93858 | 120909 | 130847 | 135816 | 148586 | 156,3 |
| Мурғ | 20914 | 22794 | 35929 | 41662 | 49855 | 61079 | 292,0 |
| Асп | 909 | 1063 | 817 | 616 | 793 | 608 | 66,9 |

Афзоиши саршумори чорво дар зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ инъикос ёфтааст.

*Ҷадвали 11. Ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти чорводорӣ*

| | Воҳ. ченак | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | Суръати афзо-иш 2010 нисба-ти 2005 | дурнамо с.2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | тонн | 2611,0 | 2649,0 | 2758,0 | 2889,0 | 2934,2 | 3134,0 | 120,0 | 3455,0 |
| Шир | тонн | 15166,0 | 15476,0 | 16916,7 | 20504,8 | 21419,2 | 22495,0 | 145,3 | 26460,0 |
| Тухм | адад | 1315,0 | 1402,0 | 1753,9 | 2548,9 | 2794,0 | 3152,0 | 239,7 | 4950,0 |
| Асал | тонн | 2,0 | 2,3 | 23,0 | 24,0 | 24,0 | 24,0 | 12,0 баробар | 108,7 |
| Пилла | тонн | 132,0 | 104,6 | 69,9 | 86,0 | 64,3 | 21,0 | 15,6 | 187,9 |

Омилҳои асосие, ки ба рушди соҳа монеа эҷод менамоянд инҳо мебошанд: нокифоягии заминҳои барои зироатҳои хӯроки чорво (ба хусус, растаниҳои равғандор, ки барои хӯроки чорво пешбинӣ шудааст), кам будани нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво, маҳдуд будани чарогоҳҳои зимистонаву тобистона, ташкили сусти нуқтаҳои бойторӣ, мавҷуд набудани нуқтаҳои қабул ва коркарди пашму пӯст, нуқтаҳои махсус барои забҳи чорво ва партовҳо.

Дар хоҷагиҳои чорводорӣ ҳодисаҳои алоҳидаи гирифторшавии ҳайвони калон ва моли майда ба касалиҳои брюселёз, эмкар, девонагӣ, оқсил, полиартрит, сил ва дигар касалиҳо, инчунин вабои паррандаи хонагӣ, ба қайд гирифта шудаанд.

Дар ноҳия 1 табобатгоҳи бойтории ноҳиявӣ, 2 дорухонаи бойторӣ ва 8 қитъаҳои минтақавии бойторӣ мавҷуд мебошад. Дар ноҳия ҷойҳои махсус барои безараргардонии ҳайвонот (барои сӯзонидан ва шустани ҳайвонот, хусусан ҳангоми бемориҳои сироятӣ) мавҷуд нест.

Барои таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, саривақт иҷро намудани Барномаи рушди чорводорӣ ва беҳтар гардонидани зоти он, мувофиқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №501 аз 1 октябри соли 2007 ва «Барномаи рушди чорводорӣ ва беҳтар гардонидани зоти чорво дар ноҳияи Ашт», дар ноҳия 4 нуқтаи бордоркунии сунъии чорво ташкил карда шудааст.

Мувофиқи дурнамо, бояд дар соли 2015 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба соли 2011 (293634,4 ҳаз.сом.) 17,3 фоиз афзоиш ёбад, аз ҷумла, растанипарварӣ 18,4 фоиз, асосан аз ҳисоби зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (кам намудани масоҳати киштзор ва афзоиши ҳосилнокӣ) ва чорводорӣ ба 15,4 фоиз зиёд шавад.

*Ҷадвал 12. Дурнамои рушди соҳаи кишоварзии ноҳияи Ашт барои солҳои 2011 -2015 (бо ифодаи сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисоботӣ | 2012 баҳо | дурнамо | | | 2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с. 2014. | с.2015. | |
| Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ | 250298,2 | 256730,2 | 269142,2 | 281602,5 | 293634,4 | 117,3 |
| Растнаипарварӣ | 162753,2 | 166512,2 | 174835,7 | 183603,4 | 192636,6 | 118,4 |
| Чорводорӣ | 162753,2 | 163247,3 | 169743,4 | 176541,7 | 185227,5 | 113,8 |

*Ҷадвали 13. Дурнамои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи кишоварзии ноҳияи Ашт барои солҳои 2011-2015 (бо ифодаи молӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисоботӣ | 2012 баҳо | дурнамо | | | 2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с. 2014. | с.2015. | |
| Ғалладонагиҳо – с\га | 34,7 | 34,7 | 34,8 | 35,3 | 36,1 | 104,0 |
| Аз ҷумла гандум с\га | 13,6 | 19,1 | 19,7 | 20,3 | 21,0 | 154,4 |
| Пахта - с\га | 14,8 | 13,1 | 13,6 | 14,1 | 14,8 | 100,0 |
| Картошка - с\га | 56,0 | 60,0 | 65,0 | 70,0 | 75,0 | 133,9 |
| Сабзавот - с\га | 92,3 | 113,8 | 116,1 | 117,8 | 120,4 | 130,4 |
| Зироатҳои хӯрокаи полизӣ – с\га | 123,9 | 125,9 | 133,5 | 140,9 | 148,0 | 122,5 |
| Меваҳо – с\га | 23,5 | 23,6 | 23,9 | 24,2 | 24,9 | 106,0 |

*Ҷадвали 14. Нишондиҳандаҳои дурнамои ҳосилнокии зироатҳои асосии ноҳияи Ашт барои солҳои 2011-2015*

| Нишондодҳо | 2011 ҳисоботӣ | 2012 баҳо | дурнамо | | | 2015 дар % қиёсан бо с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с. 2014. | с.2015. | |
| Афзоиши ҳаҷми намудҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ | | | | | | |
| Растанипарварӣ | | | | | | |
| Ғалладонагиҳо – тонна | 8271,0 | 8710 | 8940 | 9295 | 9735 | 117,7 |
| аз ҷумла гандум - тонна | 1479,9 | 2425 | 2565 | 2745 | 2940 | 198,7 |
| Пахта - тонна | 9146,0 | 8000 | 8300 | 8600 | 9000 | 98,4 |
| Картошка - тонна | 2030,0 | 2280 | 2550 | 2830 | 3120 | 153,7 |
| Сабзавот - тонна | 7593,0 | 7630 | 8010 | 8365 | 8790 | 115,7 |
| Зироатҳои хӯрокаи полизӣ | 3552,0 | 4030 | 4340 | 4650 | 4960 | 139,6 |
| Меваҳо - тонна | 17933,1 | 18240 | 18730 | 19250 | 20065 | 111,9 |
| Чорводорӣ | | | | | | |
| Гӯшт - тонна | 3149,0 | 3195,0 | 3260,0 | 3355,0 | 3455,0 | 109,7 |
| Шир - тонна | 23775,0 | 24285,0 | 24945,0 | 25690,0 | 26460,0 | 111,2 |
| Тухм – дона | 4083,0 | 4280,0 | 4490,0 | 4715,0 | 4950,0 | 121,2 |
| Пашм - тонна | 202,0 | 203,0 | 204,0 | 206,0 | 207,0 | 102,5 |
| Пилла - тонна | 33,0 | 62,0 | 62,0 | 62,0 | 62,0 | 187,9 |
| Асал - тонна | 23,0 | 24,0 | 25,0 | 25,0 | 25,0 | 108,7 |

Омилҳое, ки рушди соҳаи кишоварзии ноҳиҳяро бозмедоранд, инҳо мебошанд:

- Ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, нарасоӣ ва кам будани оби полезӣ;
- Таъмирталаб будани каналҳои байни хоҷагӣ ва дохили хоҷагӣ, истгоҳҳои обкашӣ, заҳбурҳои амудӣ;
- Набудани технологияиҳои муосир ва каммасрафи коркарди меваю сабзавот;
- Фаъолияти ғайриқаноатбахши АИО;
- Фаъолияти ғайриқаноатбахши ташкилотҳои инфиродӣ оид ба воридоти воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ (маводҳои тухмии босифати сертификатшуда, нуриҳои минералӣ, заҳрҳои кимиёвӣ, техникаи кишоварзи);
- Дастрасии ками ХД ба қарзҳои имтиёзнок ва дигар хизматрасониҳои молиявӣ;
- Мавҷуд набудани ИМТ ва марказҳо оид ба расонидани хизматрасонии техникӣ ба парки мошину трактории ноҳия;
- Қарздории зиёди хоҷагиҳо аз ХДО барои пардохти маблағи об, пардохти қувваи барқ ва андозҳо;
- Мавҷуд набудани ташкилотҳое, ки ба ХД хизмати машваратиро оид ба масъалаҳои ташкил ва интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, маркетинг, занҷираи арзиши иловашуда, коркарди маҳсулот ва ғайра, мерасонад.

### 2.1.2. Саноат

***Аҳамият дар иқтисодиёти маҳаллӣ***. Саноат яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёти ноҳия буда, дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, нақши муҳимро мебозад. Саноати ноҳия асосан аз ҳисоби коркарди пахта ва намак инкишоф ёфтааст. Инчунин, ноҳия дорои имконияти хуби коркарди маҳсулоти меваю сабзавот мебошад.

Соли 2009, бо сабаби паст шудани ҳаҷми истеҳсоли пахта ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ кам шудааст.

Маблағи умумии пардохти андоз ба буҷаи давлатӣ, аз тарафи корхонаҳои саноатии ноҳия, дар соли 2010 - 1236,5 ҳаз. сомонӣ (ё 10,4% даромади умумии буҷети ноҳияро)-ро ташкил намуд.

Дар корхонаҳои саноатии ноҳия соли 2010 - 512 коргарон (1,2% аз шумораи умумии ба кор таъминбудагон) кор мекарданд. Ҳамаи корхонаҳои саноатӣ бо неруҳои корӣ таъмин мебошанд, аммо дар баъзе аз корхонаҳои саноатӣ нарасидани мутахассисони баландихтисос дида мешаванд.

*Диаграммаи 2. Ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2008 -2010 (ҳаз.сомонӣ)*




*Ҷадвали 15. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои ноҳияи Ашт дар солҳои 2008- 2010*

| № | Номи корохона | Воҳиди ченак | Истеҳсоли маҳсулот дар намуди мол | | | Истеҳсоли маҳсулот бо ифодаи пул | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Сол ба сол (3 сол) | | | Сол ба сол (3 сол) | | |
| | | | 2008 | 2009 | 2010 | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1 | ҶС «Кони намак» | тонн | 13510 | 13253 | 11081 | 3165,1 | 3762,4 | 3187,6 |
| 2 | ҶС «Заводи консерв» | ҳ. б.ш. | 1346,0 | х[3] | х | 407,9 | 35,5 | 613,0 |
| 3 | Заводи нон | тонн | 153,7 | 179,0 | 225,7 | 209,1 | 257,3 | 319,3 |
| 4 | ҶММ «Шерзод ва К» | тонн | 1657,9 | 3296,1 | 3210,1 | 2612,4 | 13827,9 | 11144,5 |
| 5 | ҶММ «Пахтаи Ашт» | тонн | 6187,7 | 2424,7 | 1920,7 | 15317,9 | 8792,4 | 9173,5 |
| 6 | ҶС «Марҳамат» | тонн | - | 145,9 | 274,3 | - | 160,4 | 338,3 |
| 7 | ХД «Зарнигор» | тонн | 13,5 | 13,6 | 13,7 | 34,6 | 36,9 | 36,9 |
| 8 | ҶСК «Рахшона» | ҳаз. дона | 31,6 | 28,9 | 65,5 | 200,3 | 127,4 | 674,4 |
| 9 | ХД «Бародарон» | тонн | 2220,2 | 1403,4 | - | 2075,9 | 2401,3 | - |
| 10 | ҶММ «Аваз» | тонн | 687,2 | - | - | 1385,8 | - | - |
| | Ҳамагӣ: | | | | | 25409 | 29401,5 | 25487,5 |

***Вазъи корхонаҳои саноатӣ.*** Корхонаҳои саноатии ноҳия бо техникаи истеҳсолӣ таҷҳизонида шудаанд, аммо теъдоди зиёди таҷҳизотҳои онҳо фарсуда мебошад, ки ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва сифати он таъсир манфӣ мерасонад. Ба ғайр аз ҶСШК «Рахшона», ки дар соли 2010 дар заминаи он сехи коркарди чигит, истеҳсоли равған ва кунҷора дар асоси таҷҳизоти муосир бунёд карда шудааст.

*Ҷадвали 16. Вазъи корхонаҳои саноатӣ*

| № | Номи корхонаи истеҳсолӣ | Намуди маҳсулот | Иқтидори лоиҳавӣ | Иқтидори воқеъӣ | Ҳолат ва муҷаҳҳазӣ | Истеъмолкунандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶС «Кони намак» | Коркарди намак | 29,8 ҳаз.тонн | 29,8 ҳаз.тонна | 90% дар ҳолати корӣ | Аҳолии вилоят |
| 2 | ҶС «Заводи консерв» | Мева ва сабзавоти консервшуда | 12,7 млн.б.ш. | 12,7 млн.дона | 50% дар ҳолати корӣ | Бозори дохида ва беруна |
| 3 | Заводи нон | Маҳсулоти нон ва кулчақанд | 500 тонн | 500 тонна | 30% дар ҳолати корӣ | Аҳолии ноҳия |
| 4 | ҶММ «Шерзод ва К» | Нахи пахта, чигит, равған, кунҷора | 15,0 ҳаз.т. пахта | 15,0 ҳаз.т. хлопка | 80% дар ҳолати корӣ | Корхонаҳои вилоят |
| | | | 10,0 ҳаз.т. пахта | 10,0 ҳаз.т. чигит | 90% дар ҳолати корӣ | Аҳолии ноҳия |
| 5 | ҶММ «Пахтаи Ашт» | Нахи пахта, чигит | 10,0 ҳаз.т. | 10,0 ҳаз.тонна | 100% дар ҳолати корӣ | Корхонаҳои вилоят |
| 6 | ҶС «Марҳамат» | Равған, кунҷора | 1,0 ҳаз.тонн | 1,0 ҳаз. тонна | 100% дар ҳолати корӣ | Аҳолии ноҳия |

[3] -корхонаҳои мазкур фаъолият доштанд, вале маҳсулоти ниҳоӣ истеҳсол накарданд

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 7 | ХД «Зарнигор» | Пахтаи хоҷагӣ | 10,0 тонн | 10,0 тонна | 100% дар ҳолати корӣ | Аҳолии ноҳия |
| 8 | ҶСК «Рахшона» | Масолеҳи срхтмон, равған, кунҷора, пахтаи хоҷагӣ | 10,0 тонн | 10,0 тонна | 100% дар ҳолати корӣ | Аҳолии ноҳия |
| 9 | Матбуот | Табъу нашр | 175,2 ҳаз.листов | 175,2 ҳаз.варақ | 40% дар ҳолати корӣ | Сохтори ноҳия |

Бояд тазаккур дод, ки 70 фоизи маҳсулоти саноатии дар ноҳия истеҳсолшуда ба коркарди пахтае, ки дар худи ноҳия ҷамъоварӣ шудааст, рост меояд. Тамоми ҳосили пахтаи истеҳсолшуда дар ду заводи пахтатозакунӣ коркард мешавад. Корхонаи равғанбарорӣ низ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият мекунанд.

Маҳсулоти истеҳсолшудаи соҳаи кишоварзӣ, асосан дар дохили ҷумҳурӣ ва ба кишварҳои хориҷаи дуру наздик содир карда мешавад.

***Таъсиррасонӣ ба экология.*** Мувофиқи таҳлили экологҳо, корхонаҳои саноатии ноҳия ба муҳити зист таъсир мерасонанд аз ҷумла: заводи пахтатозакунии «Пахтаи Ашт», заводи консервбарорӣ, заводи пахтатозакунии «Гулшан», заводи равғанбарории «Шерзод ва К», заводи равғанбарории «Марҳамат», корхонаи пахтатозакунии «Рахшона», корхонаи пахташонакунии «Зарнигор». Ҳамаи корхонаҳои мазкур, ба ҷуз заводи равғанбарории «Марҳамат», аз санҷиши экологӣ гузаштаанд.

Дар ҷадвал маҷмӯи партовҳои ба атмосфера хориҷкунандаи корҳонаҳои саноатӣ ва нақлиёти ноҳия пешниҳод шудааст.

*Ҷадвали 17. Партовҳо ба атмосфера хориҷшавандаи ноҳия дар соли 2010*

| Ҳамагӣ тонна | Партовҳои сахт | $SO_2$ | CO | $NO_2$ | Карбогидридҳо | ЛОС | Газҳои дигар |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 35,316 | 23,616 | 2,021 | 2,638 | 0,122 | 6,49 | 0,283 | 0,146 |

***Мушкилоти асосӣ.*** Мушкилоти асосии корхонаҳои саноатӣ таъмин набудан бо ашёи хом мебошад, аз ҷумла дар корхонаҳои коркарди пахта ва равған дида мешавад. Ин тамоюл бинобар зиёд будани шумораи корхонаҳои коркард ва рақобати хариди пахтаи хом алоқаманд мебошад.

Барои таъмини рушди соҳаҳои саноат омилҳои зерин монеа мешаванд: дур будани ноҳия аз маркази вилоят (ки ин ба арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад), нарасидани мутахассисони баландихтисос, норасоии менеҷмент ва маркетинг, мавҷуд набудани ҳамкорӣ бо маблағгузорон, норасоии нақшаҳои тиҷоратӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷуда ва интиқоли нерӯи барқ, қарздории корхонаҳо, нарасидани воситаҳои пулӣ барои гузаронидани таъмир ва барқарорсозии истеҳсолот, фарсудашавии таҷҳизот, ҳаҷми ками маблағгузорӣ.

Дар назди ноҳия, зарурати дар навбати аввал таъмини рушди корхонаҳои бо коркарди ашёи хоми маҳаллӣ сару кор дошта ва саноати хӯрока, инчунин ташкили корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, истодааст.

***Иқтидор.*** Дар ноҳия ҳаҷми зиёди маҳсулоти кишоварзи истеҳсол мегардад, ки онро метавон дар дохили ноҳия коркард намуд. Масалан, танҳо ангури навъҳои гуногун, ҳар сол, ба ҳисоби миёна 15-16 тонна истеҳсол мегардад ва аз сабаби набудани имконияти коркарди пурра, он дар бозорҳои маҳаллӣ бо нархи арзон фурӯхта мешавад. Ғайр аз ин, имконияти дар заминаи корхонаҳои коркарди пахтатозакунӣ бунёди сехҳо оид ба коркарди аввалия ва дуввуми ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ вуҷуд дорад. Инчунин имконияти васеи, дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ бунёди корхонаҳои коркарди чарм ва пашм мавҷуд мебошад. Имконияти истеҳсоли масолеҳи сохтмон қариб пурра истифода намешавад ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба ин соҳа метавонад дар оянда натиҷаҳои хубе диҳад.

***Дурнамо.*** Мувофиқи дурнамои МИХД ноҳияи Ашт, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳияи Ашт дар соли 2015, аз ҳисоби ба кор даровардани

иқтидорҳои нави саноатӣ ва воридсозии технологияҳои муосири коркарди ашёи хоми маҳаллӣ нисбат ба соли 2010 бояд 88 фоиз зиёд шавад.

*Ҷадвал 18. Дурнамои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳияи Ашт ба солҳои 2011-2015 (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | дурнамо | | | с. 2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с. 2014 | с.2015. | |
| Маҳсулоти саноатӣ (кор ва хизматрасонӣ) бо нархҳои яклухти корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликият | 66564,5 | 80260,4 | 84895,9 | 88387,8 | 91766,8 | 137,9 |

*Ҷадвал 19. Дурнамои афзоиши ҳаҷми маҳсулоти асосии саноатии ноҳияи Ашт оид ба намудҳои асосии маҳсулот барои солҳои 2011-2015 (бо ифодаи молӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | дурнамо | | | 2015 бо% нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Намаки ошӣ | тонн | 7613,0 | 8375 | 9215 | 10140 | 11155 | 146,5 |
| Коркарди хушкмеваҳо | тонн | 66,4 | 73,0 | 80,5 | 84,5 | 88,7 | 133,6 |
| Маҳсулоти нонӣ | тонн | 616 | 635 | 659 | 685 | 710 | 115,2 |
| Нахи пахта | тонн | 2594 | 2688 | 2732 | 2851 | 2970 | 114,5 |
| Чигит | тонн | 4311,7 | 4519,5 | 4494 | 4768 | 4966 | 115,1 |
| Равғани растанӣ | тонн | 246 | 240 | 293 | 320 | 352 | 143,0 |
| Кунҷора | тонн | 1445,9 | 1477 | 1930 | 1810 | 1990 | 137,6 |
| Коркарди гӯшт | тонн | 918,0 | 950,0 | 1000,0 | 1032,0 | 1092,0 | 118,9 |
| Санги хоро | м.куб | - | - | 600 | 800 | 1000 | - |
| Санги ороишотӣ | м.кв | - | - | 3000 | 4000 | 5000 | - |

*Ҷадвал 20. Дурнамои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ноҳия Ашт барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | дурнамо | | | 2015 бо % нисбат ба с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Ташкили ҷойҳои корӣ аз ҳисоби ҳамаи намудҳои моликият (ҷои корӣ) | 894 | 785 | 798 | 809 | 825 | 101,9 |
| Аз ҳисоби таҷдиди сохтори ва васеъ намудани корхонаҳои фаъолияткунанда | 495 | 646 | 641 | 654 | 665 | 101,7 |
| Барқарор кардани иқтидороти кории корхонаҳои аз фаъолият бозмонда | 399 | 139 | 157 | 155 | 160 | 103,2 |

### 2.1.3. Соҳибкории хурду миёна. (СХМ)

Солҳои охир дар ноҳия тамоюли афзоиши соҳибкории хурду миёна, ки барои рушди бахшҳои ҷудогонаи хоҷагии халқи ноҳия бахусус, савдо ва кишоварзи аҳамияти назаррас дорад.

*Ҷадвали №3. Ҳиссаи СХМ дар ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯӣ маҳсулоти ноҳия аз рӯи соҳаҳо дар соли 2010*




Рушди соҳибкории хурду миёна ба паст шудани сатҳи бекорӣ таъсири мусбат мерасонад. Соли 2010 шумораи умумии соҳибкорон 1923 нафарро ташкил дод (59,3% онҳо занон мебошанд), ки дар муқоиса бо соли 2009 301 нафар зиёд мебошад. Дар назар аст, ки соли 2015 шумораи шахсони ба соҳибкори машғулбуда нисбати соли 2011 - 33 фоиз зиёд мегардад.

*Ҷадвали 21. Нақши СХМ дар таъмини шуғли аҳолӣ аз рӯи соҳаҳо*

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои бақайдгирифтаи СХМ | | Шуғли аҳолӣ | | Маблағҳои вориднамуда ба буҷет | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шумораи ҷои корӣ | Саҳм дар шуғли умумӣ | ҳаз. сомонӣ | % аз саҳми андозбандии СХМ |
| Кишоварзӣ | 21 | 594 | 3236 | 7,9 | 4472,577 | 27 |
| Саноат | 8 | 573 | 904 | 2,2 | 1159,557 | 7 |
| Савдо | | 873 | 1745 | 4,2 | 8448.201 | 51 |
| Бахши хизматрасонӣ (нақлиёт ва коммуникатсия, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ) | 20 | 369 | 699 | 1,7 | 1987,812 | 12 |
| Дигар соҳаҳо | - | 12 | 57 | 0,1 | 496,953 | 3 |
| Ҳамагӣ: | 227 | 2421 | 6641 | 16,1 | 16565,1 | 100,0 |

***Мушкилоти соҳибкорҳо.*** Суръати сусти рушди соҳибкорӣ бо норасоии захираҳои молиявӣ (қарзҳо) вобаста аст. Омилҳои дигаре, ки ба рушди соҳибкории хурду миёна монеа эҷод мекунанд, ин мавҷуд набудани сиёсати дурусти андозбандӣ, шаффоф набудани фаъолияти институтҳои молиявӣ ва набудани дастгирӣ аз ҷониби давлат ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, мебошанд.

***Хизматрасонӣ барои рушди СХМ.*** Ба фоизҳои баланди қарзӣ нигоҳ накарда ба қарзҳои бонкӣ соҳибкорон таваҷҷӯҳи зиёд доранд. Айни ҳол дар ноҳия филиали ҶС «Агроинвестбонк», Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ва Бонки Эсхата фаъолият доранд. Дар ноҳия инчунин ташкилотҳои хурди қарздиҳии «Имон Интернешл», «Арванд», «ASTI», «Оксус», «Суғд Микрофин» ва «Камишқӯрғон» фаъолият доранд.

*Ҷадвали 22. Қарздиҳӣ ба соҳаи СХМ аз рӯи соҳаҳо дар соли 2010*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ (ҳаз. сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Кишоварзӣ | 6399,0 | 7906,4 | 7669,4 |
| Саноат | 589,4 | 224,0 | 245,3 |
| Сохтмон | 140,4 | 5,7 | 2,5 |
| Нақлиёт | 42,5 | - | 5,0 |
| Хӯроки умумӣ | 1970,4 | 2092,3 | 3096,4 |
| Хизматрасонӣ | 738,3 | 778,4 | 916,2 |
| Савдои беруна | 252,0 | 123,1 | 778,2 |
| Хизматрасонии миёнаравӣ | 507,6 | - | - |
| Соҳаҳои дигар | 3264,6 | 3178,6 | 3961,3 |
| Ҳамагӣ: | 13904,2 | 14308,5 | 16674,3 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарзӣ, солҳои охир инкишоф ёфта, ҳаҷми маблағи қарзҳои пешниҳодшаванда зиёд шуда, соҳаҳои мухталифи соҳибкориро фаро гирифтааст. Ҳамин тариқ, соли 2010 аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои хурди қарзӣ, нисбат ба соли 2008 19,9 фоиз зиёдтар қарзҳои кӯтоҳмуддат ба соҳибкорони ноҳия дода шуданд. Қарзҳои мазкур асосан ба соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва хизматрасонӣ дода шудааст.

Соли 2010 аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути бонкҳо, аз хориҷи кишвар ба ноҳия 58196,5 ҳаз.доллари ИМА интиқол дода шудааст, ки он 14641,0 ҳаз. долл. ИМА ё 33,6 фоиз нисбати соли 2009 зиёд мебошад.

*Ҷадвал 23. Дурнамои рушди бозори истеъмолии ноҳияи Ашт барои солҳои 2011 – 2015 (ҳаз. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | Дурнамо | | | 2015 бо % нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳо | 111522,4 | 122816,5 | 135098,1 | 142554,9 | 152533,7 | 136,8 |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳо | 39823,2 | 44004,6 | 49644,5 | 51898,9 | 54793,9 | 137,6 |

## Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисодӣ

| Кишоварзи | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Мақсад* | *Вазифа* | *Чорабиниҳо/ лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ (ҳаз.с)* | *Солҳо* | | | | | *Сарчашмаи маблаггузорӣ* | *Натиҷаҳои пешбинишаванда* |
| | | | | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | | |
| *Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ* | *Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо* | *Таъмири каналҳои магистралии М-1 ва пойгоҳҳои обкашӣ 2,1 км* | *1800* | *360* | *360* | *360* | *360* | *360* | *Сармоягузории хориҷӣ* | *Афзоиши ҳаҷми маҷмӯӣ маҳсулоти кишоварзӣ ба 220 млн. сомонӣ то соли 2016*<br><br>*То соли 2016 баланд бардоштани ҳосилнокии маҳмулоти асосии кишоварзӣ ба 15%*<br><br>*Беҳдошти таъмини об ба 13658 га замин ва 15561 га боғот ва ангурзорҳо то соли 2016*<br><br>*Теъдоди истгоҳҳои насосии барқароршуда (30 то соли 2016.)* |
| | | *Васлу насби 40 адад чоҳҳои артезианӣ барои обёрии заминҳо* | *3580* | *716* | *716* | *716* | *716* | *716* | *номаълум* | |
| | | *Барқароркунии 40 адад чоҳҳои артезианӣ барои обёрии заминҳо* | *2760* | *552* | *552* | *552* | *552* | *552* | *номаълум* | |
| | | *Таъмини беҳдошти обгузаронӣ дар канали Фарғонаи шимолии тариқи истгоҳи нососии Чумчуқҷар* | *8300* | | *4000* | | *4300* | | *номаълум* | |
| | | *Барқарорсозӣ ва таъмири канали Фарғонаи шимолӣ* | *473* | *94,6* | *94,6* | *94,6* | *94,6* | *94,6* | *номаълум* | |
| | | *Обёрии сунъии АХД ба номи Х. Назаров дар деҳаи Дӯстӣ* | *30743* | *6148,6* | *6148,6* | *6148,6* | *6148,6* | *6148,6* | *номаълум* | |
| | | *Барқароркунии чоҳи артезиании Идораи Давлатии Хоҷагии Оби Ашт-2 барои обёрӣ кардани заминҳо* | *259* | *51,8* | *51,8* | *51,8* | *51,8* | *51,8* | *БРСМ* | |
| | | *Таҷдиди истгоҳи насоси «Етиттеппа» дар ҷамоати Ошоба* | *234* | *46,8* | *46,8* | *46,8* | *46,8* | *46,8* | *Сармоягузории хориҷӣ* | |
| | | *Таҷдиди истгоҳи насосии «Ашт-1»* | *225* | *45* | *45* | *45* | *45* | *45* | | |
| | | *Таҷдиди истгоҳи насосии «Дашт»* | *120* | *24* | *24* | *24* | *24* | *24* | *номаълум* | |
| | | *Сохтмони истгоҳи насосии «Довуд»* | *315* | *63* | *63* | *63* | *63* | *63* | *номаълум* | |
| | | *Ташкили обёрии қатравӣ дар 40 га боғоти ХД «Амир»-и ҷамоати Шайдон* | *450* | *90* | *90* | *90* | *90* | *90* | *номаълум* | |
| | | *Таъмири куллӣ ва aзнав муҷаҳҳаз гардонидани устохонаи таъмиру тармими Идораи Давлатии Хоҷагии Оби Ашт-1* | *200* | *40* | *40* | *40* | *40* | *40* | *номаълум* | |
| | | *Таъмири куллии истгоҳи насосии Ашт-3 ва хариди 3 адад пойгоҳҳои обкашӣ тамғаи НДС24* | *346* | *69,2* | *69,2* | *69,2* | *69,2* | *69,2* | *номаълум* | |
| | | *Харидани 2 адад пойгоҳҳои обкашии тамғаи НДС18 ва насби он дар АНС-3Д* | *550* | *110* | *110* | *110* | *110* | *110* | *номаълум* | |
| | | *Таъмири капиталии бинои истгоҳи насосии Ашт-4 ва хариди 4 адад пойгоҳҳои обкашӣ тамғаи НДС24* | *2220* | *444* | *444* | *444* | *444* | *444* | *номаълум* | |
| | | *Таъмири капиталии бинои истгоҳи насосии Ашт-5* | *155* | *31* | *31* | *31* | *31* | *31* | *номаълум* | |
| | | *Сохтани 15км. роҳи магистралии обгузар дар ҳудуди истгоҳи насосии Ашт-2 барои обёрӣ кардани заминҳои нав* | *3375* | *675* | *675* | *675* | *675* | *675* | *номаълум* | |
| | | *Беҳтар гаштани ҳолати мелиоративии 6170 га заминҳои обӣ* | *4319* | *863,8* | *863,8* | *863,8* | *863,8* | *863,8* | *ХД-и ноҳия* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Беҳтар намудани базаи моддӣ техникӣ* | *Тоза кардани шабакаи заҳбури магистралии «Ашти кало» (18 км)* | *788* | *157,6* | *157,6* | *157,6* | *157,6* | *157,6* | *Буҷаи вилоят* | |
| | | *Таҷдиди чоҳҳои артезиании давлатӣ, ки барои обёрӣ пешбинӣ шудаанд* | *1534* | *306,8* | *306,8* | *306,8* | *306,8* | *306,8* | | |
| | | *Беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳои обии ҷамоати Қамишқӯргон* | *66* | *10,4* | *55,6* | | | | *БРСМ* | |
| | | *Ташкили пойгаҳҳои мошину тракторҳо ва хариди техникаи кишоварзӣ* | *1200* | *240* | *240* | *240* | *240* | *240* | *Буҷаи маҳаллӣ* | |
| | | *Беҳдошти таъмини идораҳои хоҷагии оби ноҳия бо таҷҳизоти техникии муосир (5 адад)* | *1200* | *240* | *240* | *240* | *240* | *240* | | |
| | | *Сохтани биноҳои барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзи дар ХД «Амир» ҷамоати Шайдон* | *158* | *31,6* | *31,6* | *31,6* | *31,6* | *31,6* | *номаълум* | |
| | | ***Ҳамагӣ:*** | ***65370*** | ***11411,2*** | ***15456,4*** | ***11400,8*** | ***15700,8*** | ***11400,8*** | | |
| ***Саноат*** | | | | | | | | | | |
| *Таъмини истифодаи иқтидорӣ истеҳсолии мавҷуда* | *Бунёди корхонаҳои нави коркарди ашёи хоми маҳаллӣ* | *Таҷдид ва таҷҳизонидани ҶС «Заводи консервбарории Ашт» бо технологияҳои муосир* | *6728* | *1345,6* | *1345,6* | *1345,6* | *1345,6* | *1345,6* | *соҳибкорон* | *Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 75 млн. сомони то соли 2016*<br><br>*Ташкили ҷойҳои нави корӣ (60 ҷой то соли 2016)* |
| | | *Сохтмони корхонаи бофандагӣ дар шаҳраки Шайдон* | *42180* | | | *12300* | *12300* | *17580* | *соҳибкорон* | |
| | | *Сохтани корхонаи хурд барои истеҳсоли хишт пухта дар ҷамоати Қамишқӯргон* | *72* | *14,4* | *14,4* | *14,4* | *14,4* | *14,4* | *соҳибкорон* | |
| | | *Сохтмони корхонаи хурд оид ба истеҳсоли консерва дар ҷамоати Қамишқургон* | *54* | *10,8* | *10,8* | *10,8* | *10,8* | *10,8* | *номаълум* | |
| | | *Сохтани корхонаи хурд барои коркарди шир дар ҷамоати Шодоба* | *54* | *10,8* | *10,8* | *10,8* | *10,8* | *10,8* | *соҳибкорон* | |
| | | *Гузаронидани корҳои иктишофи геологӣ дар мавзеъи нафти Сепетау* | *63000* | *-* | *4000* | *6000* | *8000* | *45000* | *Сармоягузории хориҷӣ* | |
| ***Ҳамагӣ:*** | | | ***112088*** | ***1381,6*** | ***5381,6*** | ***19681,6*** | ***21681,6*** | ***63961,6*** | | |
| ***Соҳибкории хурду миёна*** | | | | | | | | | | |
| *Фароҳамории шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ* | *Мусоидат барои сохтани корхонаҳои нав ва* | *Ташкили тренингҳо дар мавзӯи созмон додани фаъолияти соҳибкорӣ* | *10* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *Буҷаи маҳаллӣ* | *Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ҳаҷми маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) аз тарафи СХМ (ҳар сол ба 10 % то соли 2016)*<br><br>*Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби СХМ (100 то соли 2016.) Афзоиши пардохти андозҳо аз тарафи субъетҳои СХМ (15% то соли 2016)* |
| | | *Сохтани маркази савдо дар шаҳраки Шайдон* | *950* | *-* | *126* | *345* | *479* | *-* | *номаълум* | |
| | | *Сохтани чойхонаи миллӣ дар маркази ноҳия* | *675* | *135* | *135* | *135* | *135* | *135* | *соҳибкорон* | |
| | | *Сохтани нуқтаи фурӯши гази моеъ ва масолеҳи сохтмон дар шаҳраки Шайдон* | *464* | | *122* | *288* | | *54* | *соҳибкорон* | |
| | | *Сохтани нуқтаи фурӯши масолеҳи сохтмон дар шаҳраки Шайдон* | *260* | *-* | *40* | *220* | *-* | *-* | *номаълум* | |
| | | *Сохтани нуқтаи таъмиру тармими автомашинаҳо дар ҷамоати Шодоба* | *270* | *-* | *100* | *170* | *-* | *-* | *номаълум* | |
| | | *Сохтани магозаи махсусгардонидашуда барои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳраки Шайдон* | *160* | *-* | *120* | *40* | *-* | *-* | *номаълум* | |
| ***Ҳамагӣ:*** | | | ***2789*** | ***137*** | ***645*** | ***1200*** | ***616*** | ***191*** | | |
| | | | | | | | | | | |

## 2.2. Бахши иҷтимоӣ

### 2.2.1. Маориф

Маориф дар роҳи ноил гаштан ба мақсадҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳимро мебозад. Таъмин намудани аҳолӣ ба маълумоти босифат, омили асосии рушди устувор мебошад.

***Маълумоти умумӣ.*** Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сатҳи маълумотнокии умумии аҳолии ноҳияи Ашт рӯ ба афзоиш дорад. Соли 2010 сатҳи умумии маълумотнокии аҳолӣ 85 фоиз аз шумораи умумии аҳолии миёнасолро ташкил медиҳад (аз онҳо дорои маълумоти миёна – 68 фоиз, миёнаи махсус – 8 фоиз ва олӣ - 9 фоиз). Аҳолии бемаълумот 15 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 24. Сатҳи маълумотнокӣ аз рӯи тақсимоти ҷинсӣ дар солҳои 2008 - 2010*

| Сол | 2008 | | 2010 | |
|---|---|---|---|---|
| Маълумотнокӣ | ҳамагӣ | Аз онҳо зан. | ҳамагӣ | Аз онҳо зан. |
| Маълумоти олӣ | 6075 | 1816 | 6345 | 1897 |
| Маълумоти миёнаи махсус | 5579 | 2731 | 5827 | 2852 |
| Маълумоти миёна | 47337 | 23949 | 49438 | 25012 |
| Шумораи аҳолии сину соли минёна | 69500 | 35445 | 72600 | 37026 |

***Таҳсилоти томактабӣ.*** Айни ҳол дар ноҳия 11 муассисаҳои томактабӣ (МТ) фаъолият дорад, ки барои таълими 1096 кӯдакон пешбинӣ шудаанд. Дар муассисаҳои мазкур 190 нафар коргарон фаъолият мебаранд, ки 93,7 фоизи онҳо занҳо мебошанд.

*Ҷадвали 25. Ташриф ба Муассисаҳои томактаби дар солҳои 2008-2010*

| Номгӯи Муассисаҳои томактабӣ | Шумораи кудакон соли соли 2008 | | | Шумораи кудакон соли 2009 | | | Шумораи кудакон соли 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | Писарон | Духтарон | Ҳамагӣ | Писарон | Духтарон | Ҳамагӣ | Писарон | духтарон |
| Боғчаи бачагонаи №1 | 160 | 88 | 72 | 148 | 83 | 65 | 169 | 81 | 88 |
| Боғчаи бачагонаи №2 | 179 | 111 | 68 | 181 | 95 | 86 | 226 | 104 | 122 |
| Боғчаи бачагонаи №3 | 26 | 14 | 12 | 20 | 13 | 7 | 20 | 13 | 7 |
| Боғчаи бачагонаи №4 | 35 | 19 | 16 | 40 | 22 | 18 | 54 | 32 | 22 |
| Боғчаи бачагонаи №5 | 50 | 19 | 31 | 50 | 22 | 28 | 48 | 19 | 29 |
| Боғчаи бачагонаи №6 | 18 | 8 | 10 | 21 | 11 | 10 | 20 | 13 | 7 |
| Боғчаи бачагонаи №7 | 35 | 18 | 17 | 34 | 24 | 10 | 20 | 11 | 9 |
| Боғчаи бачагонаи №8 | 22 | 7 | 15 | 40 | 20 | 20 | 45 | 21 | 24 |
| Боғчаи бачагонаи №9 | 127 | 52 | 75 | 127 | 66 | 61 | 169 | 100 | 69 |
| Боғчаи бачагонаи №10 | 40 | 22 | 18 | 40 | 25 | 15 | 69 | 47 | 22 |
| Боғчаи бачагонаи №11 | 24 | 15 | 9 | 18 | 11 | 7 | 22 | 14 | 8 |
| Ҳамагӣ: | 716 | 373 | 343 | 719 | 392 | 327 | 862 | 455 | 407 |

Талабот ба муассисаҳои томактабӣ рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст. Соли 2010 шумораи кудакон дар Муассисаҳои томактабӣ, нисбат ба соли 2008 - 20,4 фоиз зиёд гардид, ки ин ба афзоиши аҳолӣ вобаста аст. Талабот ба муассисаҳои томактабӣ, асосан дар маркази ноҳия ба назар мерасад. Дар деҳот, бо сабаби паст будани сатҳи шуғли аҳолӣ ва норасоии буҷаи оилавӣ, талабот ба муассисаҳои томактабӣ кам мебошад.

Мушкилоти асосии муассисаҳои томактабии ноҳия ин нарасидани маблағ барои таъмири пурраи биноҳо ва харидани таҷҳизоти муосири тарбиявӣ мебошад.

***Таҳсилоти мактабӣ.*** Дар ноҳия 75 муассисаҳои таълимӣ аз ҷумла 56 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 6 мактаби таҳсилоти асосӣ (то синфи 9), 4 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 3 гимназия, 1 литсей, 1 маркази таҳсили иловагӣ, 2 маркази таҳсилоти касбӣ ва 2 интернат фаъолият доранд.

*Ҷадвали 26. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия (нафар) дар солҳои хониши 2007 – 2020*

| Синфҳо | 2007 - 2008 | | | | 2008 - 2009 | | | | 2009 – 2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | писарон | духтарон | %духтарон | Ҳамагӣ | писарон | духтарон | %духтарон | Ҳамагӣ | писарон | духтарон | %писарон |
| 1-4 | 11024 | 5649 | 5375 | 48,7 | 10734 | 5502 | 5232 | 48,7 | 10497 | 5439 | 5058 | 48,2 |
| 5-9 | 14187 | 7227 | 6960 | 49,1 | 14281 | 7275 | 7006 | 49,1 | 14121 | 7118 | 7003 | 49,6 |
| 10-11 | 4623 | 2195 | 2428 | 52,5 | 4164 | 1970 | 2194 | 52,7 | 4087 | 1977 | 2110 | 51,6 |
| Ҳамагӣ: | 29834 | 15071 | 14763 | 49,5 | 29179 | 14747 | 14432 | 49,5 | 28705 | 14534 | 14171 | 49,4 |

Мувофиқи маълумоти омор дар солҳои хониши 2009-2010 шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таълимӣ нисбат ба соли хониши 2007-2008, 3,8 фоиз кам шудааст. Чунин тамоюл пеш аз ҳама бо кам шудани шумораи таваллуд дар солҳои 1999 – 2000 ва бо зиёд гардидани муҳоҷирати аҳолӣ, вобаста мебошад.

Яке аз сабабҳои асосии паст шудани шумораи хонандагони синфҳои болоӣ ва ба вуҷуд омадани нобаробарии гендерӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани кудакони синфҳои болои, иваз намудани ҷои истиқомат ва давом додани таҳсил дар омӯзишгоҳои касбӣ - техникӣ мебошанд.

*Диаграммаи 4. Шумораи хонандагони синфҳои 9-11 аз рӯи тақсимоти ҷинсӣ*




Сатҳи камбизоатӣ аҳолӣ ба саломатии талабагон ва муҳити номусоид, ки сабаби асосии фаронагирифтани кӯдакон ба таҳсилоти ибтидоӣ мебошад, таъсири манфӣ расонидааст. Соли 2010 дар ноҳия 5972 адад оилаҳои камбизоат ба қайд гирифта шудааст.

Аз шумораи умумии хонандагони ноҳия 21881 (ё 76,2%) дар басти якум ва 6824 (ё 23,8%) дар басти дуввум таҳсил мекунанд.

Сатҳи пасти маълумотнокии хонандагон дар бораи пешгирии бемориҳои сирояткунанда, риояи гигиена ва санитария, дастрас набудани муассисаҳои таълимӣ бо оби босифати нӯшокӣ, сабаби дар байни хонандагон зиёд шудани бемориҳои сироятӣ мегардад. Мутазам набудани интиқоли нерӯи барқ ва гармкунии ғайриқанотбахши муассисаҳои таълимӣ сабаби авҷгирии хурӯҷи бемориҳои шадиди роҳи нафас ва дигар бемориҳои ғайрисироятӣ гардидаанд.

Ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия бо биноҳои таълимӣ таъмин буда, эҳтиёҷ ба таъмири ҷорӣ доранд. Биноҳои мактабҳои миёнаи №15, 20, 24 дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Биноҳои 22 макотиби миёнаи ноҳия таъмирталаб мебошанд.

Ҳамзамон ноҳия ба 4 мактаби таҳсилоти умумӣ ва 1 маркази таълимоти иловагӣ эҳтиёҷ дорад. Аз ин рӯ, нарасидани маблағи буҷети ноҳия барои сохтмони иншооти мазкур мушкилоти асосии соҳаи маорифи ноҳия мебошад.

Соли 2010 хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар олимпиадаҳои фаннӣ иштирок намуданд. Дар сатҳи вилоятӣ 72 нафар ғолибони олимпиадаи сатҳи ноҳиявӣ иштирок намуда, 1 нафари онҳо ҷои якум, 8 нафар ҷойҳои 2-юм ва 5 нафар хонандагон ҷойҳои сеюмро ишғол намуданд. Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ 6 хонанда иштирок намуданд, ки аз онҳо 1 хонанда ҷои дуюм ва 4 нафар ҷойҳои сеюмро ишғол намуданд. 8 хонандагони мактабҳои ноҳия дар олимпиадаҳои байналхалқӣ иштирок намуданд (як хонанда ҷои сеюмро дар олимпиадаи дар шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия барпо шуда, ишғол кард).

Дар соли хониши 2009-2010 шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 2880 нафарро ташкил намуд, аз ҷумла 1895 занҳо (65,8%). Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бинобар сабаби кам будани маоши устодон шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ зиёд шуда, теъдоди омӯзгорон махсусан мардҳо дар миқёси ноҳия кам шудааст.

*Ҷадвали 27. Шумораи омӯзгорони мактабҳои ноҳияи Ашт дар давраи солҳои 2007-2010*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳои таҳсил | | |
|---|---|---|---|
| | 2007-2008 | 2008-2009 | 2009-2010 |
| Шумораи умумии омӯзгорон | 2991 | 2882 | 2880 |
| Аз ҷумла занҳо | 1893 | 1899 | 1895 |
| Дорои маълумоти олӣ | 1768 | 1729 | 1872 |
| занҳо | 963 | 961 | 1029 |
| Олии нопурра | 116 | 75 | 82 |
| занҳо | 87 | 89 | 70 |
| Миёнаи махсус | 1046 | 979 | 848 |
| занҳо | 783 | 764 | 730 |
| Миёнаи умумӣ | 61 | 99 | 78 |
| занҳо | 49 | 72 | 66 |
| Омӯзгороне,ки аз кор рафтанд | 94 | 123 | 138 |
| занҳо | 42 | 68 | 86 |
| Норасогии устодон | 34 | 16 | 14 |

Дар мактабҳои ноҳия нарасидани омӯзгорони баландихтисос, аз ҷумла, дар мактабҳои деҳот нарасидани омӯзгорони фанҳои кимиё, забони англисӣ ва математика мушоҳида мешавад. Омӯзиши забони тоҷикӣ дар ҳамаи мактабҳои ноҳия ҷорӣ карда шудааст. Нарасидани омӯзгорони забони тоҷикӣ дар ҷамоати Қирққудуқ, ки он ҷо асосан ӯзбакон истиқомат доранд, ба назар мерасад.

Мувофиқи барномаи давлатии компютеркунонии мактабҳои таълимӣ, таъмини ба ҳар 20 хонанда бо 1 компютер, пешбинӣ шудааст. Айни замон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 66 синфҳои компютерӣ амал менамоянд, ки бо 568 компютер ва 36 принтер таҷҳизонида шудаанд ва 3 мактаб ба шабакаи интернет пайваст гардидаанд. Барои амалӣ намудани барномаи мазкур, дар мактабҳои ноҳия бояд боз 72 компютер лозим мебошад.

Яке аз масъалаҳои афзалиятноки соҳаи маориф, таъмини мактабҳо бо китобҳои дарсӣ мебошад. Айни ҳол, теъдоди умумии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳия 272,8 ҳаз. адад мебошад. Айни замон, дар мактабҳои ноҳия зарурати таъминоти иловагии китобҳои дарсӣ аз фаннҳои мухталиф 53,9 ҳазор, ки 27,9 ҳазори он китобҳои дарсӣ бо забони ӯзбекӣ мебошанд, вуҷуд дорад.

Бинобар сабаби нарасидани маблағ муассисаҳои таълимии ноҳия ба як қатор мушкилот аз ҷумла, фарсудашавии биноҳо ва таҷҳизот, нарасидани биноҳо ва таҷҳизот, системаи гармидиҳӣ дучор гардидаанд.

Таи ду соли охир, бо дастгирии волидайн, сарпарастон ва аҳолии ноҳия, дар мактаби №66 - 7 синфхонаҳо барои 200 хонанда, дар мактаби № 54 – 4 синфхона барои 110 хонанда ва дар мактаби №52 - 4 синфхона барои 110 хонанда, сохта ба истифода дода-шудааст.

Соли хониши 2009 - 2010 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 1364 адад мизу курси барои муассисаҳои таълимии ноҳия харидорӣ карда шуд. Илова бар ин, муассисаҳои таълимии ноҳия харидорӣ намудани 515 мизу курсиҳои иловагӣ эҳтиёҷ дорад.

Дар доираи амалӣ намудани ислоҳоти соҳаи маориф, муассисаҳои таълимии ноҳия ба шакли нави хоҷагидорӣ гузаштаанд. Дар асоси қарори Раиси ноҳия аз 5 январи соли 2010 №7 «Дар бораи гузариши муассисаҳои таълимии ноҳия ба маблағгузории сарикасӣ», ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия аз 1 январи соли 2010 ба шакли нави маблағгузорӣ гузаштанд. Ҷиҳати амалӣ намудани қарори мазкур ба ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия мувофиқи шумораи хонандагон маблағгузорӣ карда мешавад ва соли 2010 барои ҳар як хонанда дар ҳаҷми 268 сомонӣ маблағ муқаррар гардидаст.

***Таҳсили берун аз мактаб.*** Дар мактабҳо ва маркази таълимоти иловагии ноҳия 112 маҳфилҳо ташкил карда шудаанд ва ба онҳо 3980 хонандагон, ки 1393 нафар онҳо духтарҳо мебошанд, ҷалб карда шудаанд. Ҳайати омӯзгории маркази таълими иловагӣ аз 398 муаллимон иборат аст.

***Маълумоти олӣ ва махсус.*** Аҳолии ноҳия барои идома додани таҳсили фарзандони хеш ҳавасманд мебошанд. Соли 2010 - 1913 нафар шаҳодадатномаи маълумоти миёнаи пурраро гирифтанд (аз ҷумла 1020 духтарон). Аз ин шумора 380 нафар ҷавонон ба донишкадаҳои олӣ, 195 нафар ба коллеҷҳо ва 122 нафар ба омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ дохил гаштанд.

Бо мақсади паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ, ҳамасола мувофиқи квотаи президентӣ, хонандагони лаёқатманд барои таҳсил ба донишкадаҳои олии кишвар қабул карда мешаванд. Шумораи умумии талабагони ноҳия, ки бо квотаи президентӣ соли 2010 ба донишкадаҳо ва техникумҳо дохил шудаанд 21 нафарро (аз ҷумла 9 духтар) ташкил дод. Аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳукумати ноҳия, ҳар сол ба донишҷӯёни тибқи квотаи президентӣ таҳсил мекунанд кӯмакҳои пулӣ расонида мешавад.

***Мушкилоти инфрасохтори маориф.*** Мушкилоти асосии инфрсохтори маориф дар шакли ҷадвал нишон дода шудааст.

*Ҷадвали 28. Мушкилоти инфрасохтории муассисаҳои таълимии ноҳия, дар аввали соли 2011*

| Мушкилот | мактабҳо |
|---|---|
| Боғчаҳои бачагона | |
| Зарурати гузаронидани таъмир дар боғчаҳои бачагона | Боғчаҳои бачагона №№ 1, 2, 4, 5, 8, 17 ва 28 |
| Мактабҳо | |
| Эҳтиёҷи биноҳҳо ба таъмир | №№ 2, 3, 4, 5, 7, 8, 12, 21, 25, 26, 28, 29, 30, 31, 35, 39, 40, 41, 43, 44, 46, 49, 50, 51 ва 62 |
| Норасоии синфхонаҳо | №№ 15, 20, 21, 24, 29, 40 ва 52 |
| Сохтмони нотамоми биноҳо | №№ 15, 20, 24 ва 40 |
| Эҳтиёҷ ба таъмири бом | №№ 43, 47, 49, 50, 51 ва 62 |
| Эҳтиёҷ ба сохтмони толори варзишӣ | 6, 7, 9, 10, 12, 13, 14, 15, 16, 19, 20, 21, 23, 24, 25, 26, 29, 30, 31, 33, 34, 35, 38, 40, 41, 44, 45, 56, 57, 61, 66 ва 67 |
| Набудани ошхонаҳои мактабӣ | 9, 15, 16, 23, 24, 27, 45, 52, 56, 59, 63 и 67 |
| Хати таъминоти об нест | Мактабҳои шаҳраки Шайдон |
| Набудани синфҳои махсус барои гузаронидани машғулият аз фанни кимиё, физика ва омодагии дифоъ | Дар аксари мактабҳо |
| Зарурияти таъмири шабакаҳои гармидиҳӣ | №№ 2, 5, 8, 17, 37, 39, 42, 43, 46, 47, 48, 49, 50, 51, 61, 62 и 65 |

***Дурнамо.*** Бо назардошти суръати афзоиши аҳолии ноҳияи Ашт дар соли 2015 нисбат ба соли 2010, шумораи кӯдакони синни томактабӣ ба 12,9 фоиз зиёд хоҳад шуд (2902 кӯдакон). Соли 2015 фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ аз шумораи умумии кӯдакони синни томактабӣ бояд аз 3,8 фоиз то 5 фоизро ташкил намояд. Дар доираи БРН ба нақша гирифта шудааст, ки соли 2015 дар муассисаҳои томактабӣ 438 ҷойҳои иловагӣ ташкил наму-

да, шумораи кӯдакони синни мактабӣ 8 фоиз (2495 кӯдак) зиёд мегардад ва мувофиқи он, ташкили ҷойҳои хонандагон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ бояд 8,1 фоиз зиёд гардад.

*Ҷадвал 29. Дурнамои рушди соҳаи маорифи ноҳияи Ашт барои солҳои 2011- 2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | Дурнамо | | | 2015 бо % нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ новобаста аз шакли моликият (ҳазор кӯдак) | 1,04 | 1,10 | 1,12 | 1,26 | 1,30 | 124,9 |
| Шумораи кӯдакони синни томактабӣ | 22,56 | 23,24 | 23,93 | 24,65 | 25,39 | 112,5 |
| Шумораи кӯдакони сини мактабӣ | 30,0 | 30,3 | 30,6 | 30,9 | 31,2 | 104,0 |
| Шумораи ҷой дар муассисаҳои томактабӣ (ҳазор ҷой) | 1,09 | 1,14 | 1,14 | 1,19 | 1,24 | 113,7 |
| Шумораи хонандагонӣ мактабҳои таҳсилоти умумӣ (ҳазор хонанда) | 29,04 | 29,29 | 29,39 | 29,50 | 29,70 | 102,3 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| - Дар мактаби таҳсилоти умумии рӯзона | 27,22 | 27,39 | 27,38 | 27,42 | 27,54 | 101,2 |
| Аз ҷумла дар мактаби хусусӣ | - | - | - | - | - | - |
| - Литсейҳо | 0,27 | 0,30 | 0,32 | 0,35 | 0,38 | 139,2 |
| - Гимназияҳо | 1,55 | 1,60 | 1,69 | 1,73 | 1,78 | 114,5 |

**2.2.2. Солимии аҳолӣ**

Вазифаи соҳаи тандурустӣ беҳдошти вазъи саломатии аҳолӣ, ҳамчун кафолати рушди устувори нерӯи инсонӣ, мебошад. Сифат ва дастрасӣ ба хизмати тиббӣ дар 20 соли охир, дар тамоми ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар ноҳияи Ашт низ хеле паст гардидааст.

Вазифаҳои афзалиятноки соҳаи тандурустӣ: рушди тибби аввалия, кам кардани шумораи фавти модару кӯдак, мубориза бо бемориҳои сирояткунанда ва гузаштан ба шакли наву самараноки хизматрасонии тиббӣ (тибби оилавӣ ва системаи маблағгузории сарикасӣ) мебошад.

***Саломатии модару кӯдак.*** Дар ноҳия шумораи занҳои қобили таваллуд 34141 нафарро ташкил медиҳад. Дар ноҳия ҳолатҳои фавти модар мушоҳида мешавад, ки таи 2 соли охир дар як сатҳ қарор дорад. Қайди ҳарсолаи ҳодисаи фавти модар бо он вобаста аст, ки занҳои қобили таваллуд аз бемориҳои экстрогениталӣ азият мекашанд ва дар асоси он, дар вақти ҳомиладорӣ ба бемориҳои вазнини акушерӣ гирифтор мегарданд. Теъдоди таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ хеле зиёд аст.

*Ҷадвали 30. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва дар хона, фавти модар дар солҳои 2008-2010*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 3574 | 4115 | 4178 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 3522 | 4065 | 4129 |
| Бо % | 98,5 | 98,8 | 98,8 |
| Таваллуд дар хона | 52 | 50 | 49 |
| Бо % | 1,5 | 1,2 | 1,2 |
| Фавти модар (100 ҳазор. з/т) | - | 1/24,4 | 1/23,9 |

Тамоюли афзоиши камхунии норасоии оҳан байни занҳои қобили таваллуд боиси ташвиш мебошад, ки он бо шароити моддиву молиявии аҳолӣ вобаста буда, хусусан дар деҳот хеле паст аст ва сабаби инкишофи камхунӣ, асосан дар байни занҳо мебошад. Ғайр аз ин, дар ноҳия дар солҳои охир пешгирии бемории мазкур дар байни занҳои синну соли қобили таваллуд ва кӯдакон бо ҳаҷми пурра гузаронида намешавад.

*Ҷадвали 31. Камхунии норасоии оҳан ва норасоии йод дар организми занони қобили ғайритаваллуд дар солҳои 2008-2010*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои қобили ғайритаваллуд | 3591 | 4131 | 4171 |
| Бемории камхунӣ | 2438 | 4006 | 4048 |
| Бо % | 68% | 97% | 97% |
| Ҳолатҳои норасоии йод | 1852 | 2499 | 1909 |
| Бо % | 52% | 60% | 46% |

Сабаби зиёд шудани фавти кӯдакон дар ноҳия ин пеш аз ҳама зиёд шудани бемориҳои экстрагениталӣ ва патологияҳои акушерӣ, фоизи баланди таваллудкунии пеш аз мӯҳлат, маълумотнокии сусти занҳои ҳамли авввал оид ба нигоҳубини кӯдак, ҳифзи пасти антенаталии ҳомиладорон ба ҳисоб меравад.

*Ҷадвали 32. Тамоюли фавти кӯдакони навзод ва то сини 5 сола дар солҳои 2008-2010*

| | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакон то сини 5 сола ба 1000 з/т (шумораи ҳолатҳо) | 94/26,1 | 114/27,5 | 105/25,6 |
| Тағйирот бо % | - | +21% | +12% |
| Фавти кӯдакони то сини 1 сола ба 1000 з/т (шумораи ҳолатҳо) | 71/21,0 | 99/24,0 | 93/22,2 |
| Тағйирот бо % | - | +39% | +30% |

***Бемориҳои сироятӣ.*** Солҳои охир дар ноҳия зиёд шудани теъдоди бемориҳои сироятӣ, ба назар мерасад. Таҳлил нишон медиҳад, ки ба амалигардонии барномаи ДОТС нигоҳ накарда, сатҳи гирифторшавӣ аҳолӣ ба бемории сил зиёд шудааст, сабаби асосии гирифторшавӣ ин муҳоҷирони меҳнатӣ, маълумотнокии пасти аҳолӣ оид ба пешгирии беморӣ, сатҳи пасти зиндагӣ ва саривақт муроҷиат накардани беморон ба муассисаҳои махсусгардонидашудаи ташхис ва муолиҷа мебошад.

*Ҷадвали 33. Тамоюли бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2008-2010*

| Бемориҳои сирояткунанда | 2008 Шумораи ҳолатҳо (ба 1000 аҳолӣ) | 2009 Шумораи ҳолатҳо (ба 1000 аҳолӣ) | 2010 Шумораи ҳолатҳо (ба 1000 аҳолӣ) |
|---|---|---|---|
| Сил | 57 | 64 | 89 |
| Сироят аз газидан ва аз оби даҳон | 125 | 212 | 178 |
| Домана | - | - | 2 |
| Исҳол | 57 | 53 | 92 |
| Гепатит «А» | 418 | 242 | 523 |

Сатҳи пасти дастрасии аҳолӣ ба оби босифати нушокӣ, набудани таҷрибаи огоҳкунӣ ва пешгирии аз бемориҳо, маълумотнокии ғайриқанотбахш оид ба гигиена ва санитария аз ҷумла, дар байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ, дар солҳои охир сабаби асосии афзоиши сатҳи бемориҳои сирояткунанда ба монанди домана, исҳол ва Гепатит «А» гаштааст.

***Бемориҳои ғайрисироятӣ.*** Таи солҳои охир, дар байни аҳолии ноҳия зиёд шудани бемории сактаи дил, диабети қанд, бемориҳои фишори баланди хун, ки натиҷаи ҳолати шадиди рӯҳафтодагӣ, муолиҷаи бемаврид ва бесамари системаи асаб, сифати паст ва арзиши гарони хизмати тиббӣ ва доруворихо, набудани усулҳои муосири табобат, ғизои носолим, камбизоатӣ, маълумотнокии пасти аҳолӣ оид ба пешгирӣ аз бемориҳо мебошад, мушкилоти шадиде гашта истодааст. Солҳои охир ба бемориҳои ғайрисироятӣ шахсони синну соли ҷавон низ гирифтор мешаванд.

Дар ноҳия хуруҷи бемории шадиди роҳи нафас низ мушоҳида мешавад, сабаби асосии пайдоиши он аз набудани чорабиниҳои пешгирикунанда, дар давраи зимистон набудани системаи гармидиҳӣ дар биноҳои муассисаҳои ҷамъиятӣ, алоқаманд аст. Дар ноҳия шумораи осеббинӣ низ зиёд шуда истодааст, пешгирии маҷмӯавии мутамарказонидашуда ва табобати бемориҳои стоматологӣ (хусусан, дар муассисаҳои таълимӣ) мавҷуд нест, дар бисёр муассисаҳои таълимӣ бунгоҳҳои тиббӣ ва таъминот бо доруворӣ вуҷуд надоранд.

***Ташкилот ва инфрасохтори ҳифзи саломатӣ.*** Дар доираи ислоҳоти бахши тандурустӣ дар ноҳия, барои беҳтар гардонидани хизматрасонии тиббӣ ва беҳтар намудани идоракунии муассисаҳои тиббӣ, дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ашт, шӯъбаи тандурустӣ созмон дода шудааст, ки дар тобеияти он хадамоти ёрии госпиталӣ, КАТС, инчунин, марказҳои махсусгардонидашуда, (Марказҳои саломатии репродуктивӣ, ИВДБВ, ВМИ, ВНМИ, ТТСҲ, эмкунӣ, наркология, стоматология, тибби оилавӣ ва ғайра) мебошанд.

Ба ҳайати хадамоти госпиталӣ дохил мешаванд: Беморхонаи марказии ноҳия ва 5 беморхонаи минтақавӣ дорои 515 ҷои хоб. Хадамоти КАТС аз маркази ноҳиявии тандурустӣ, 18 марказҳои саломатии деҳот ва 37 хонаҳои тиббӣ иборат аст.

Маркази ноҳия ва 7 марказҳои саломатӣ шӯъбаи ёрии таъҷилии худро доранд. Дар айни замон 11 МСД - и ноҳия бо мошинаҳои нави ёрии таъҷилӣ таъмин шудаанд. Бо дастгирии Бонки ҷаҳонӣ (БҶ) 8 хонаҳои тиббӣ бо таҷҳизоти тиббии нави муосир ҷиҳозонида шудаанд. Мушкилоти асосии шӯъбаҳои ёрии таъҷилӣ, нарасидани доруворӣ, МСМ ва воситаҳои муосири коммуникатсия мебошад.

Беморхонаи марказии ноҳия ва муассисаҳои тиббии ҷамоатҳои деҳоти Ошоба, Ҷарбулоқ ва Қирққудуқ бо оби нӯшокӣ аз шабакаи оби мутамарказонидаи шаҳрак ва деҳот таъмин карда мешаванд. Дигар муассисаҳои табобатӣ - пешгирии бемориҳои ноҳия аз оби ҷӯйбор ё оби кашонида истифода мебаранд. Безараргардонии оби кӯшокӣ, танҳо дар шабакаи оби маркази ноҳия гузаронида мешавад.

Дар Беморхонаи марказии ноҳия, танҳо шӯъбаҳои ҷарроҳӣ ва таваллудхона ба хати корез паваст мебошанд. Дар дигар муассисаҳои тиббии ноҳия хати корез вуҷуд надорад.

Ҳолати санитарӣ дар муассисаҳои тиббӣ дар асоси фармонҳои дахлдори Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад. Барои нобудкунии партовҳои санитарӣ, дар муассисаҳои хадамоти госпиталӣ ва марказҳои саломатӣ ҷойҳои махсус омода карда шудаанд ва несту нобудкунии партовҳо тавассути сӯзонидан амалӣ карда мешавад.

***Таснифоти кадрҳо.*** Таъминот бо кормандони тиб дар ноҳия 94 фоизи талаботи мавҷударо қонеъ мегардонад.

*Ҷадвали 34. Таснифоти коргарони МТП- и ноҳияи Ашт барои соли 2011*

| Муассиаҳои тиббӣ | Ҳамагӣ коргарон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ |
|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 355 | 242 | 113 |
| Бо ифодаи фоиз | - | 68% | 32% |
| Хизмати госпиталӣ | 353 | 261 | 92 |
| Бо ифодаи фоиз | - | 74% | 26% |

Дар ноҳия, асосан нарасидани 42 мутахассиси тиббии ихтисосҳои мухталиф эҳсос карда мешавад. Айни замон аз сабаби кам будани музди маош (музди миёна 284 сомони), аз кор рафтани кадрҳои тиббӣ ҷой дорад.

***Иштироки ҷамъият дар ҳалли мушкилоти вобаста ба саломатӣ.*** Усули дастрас ва самараноки ҳифзи тандурустии аҳолӣ, иштироки худи шаҳрвандон дар ҳалли мушкилоти саломатӣ, мебошад. Дар ин самт, аз ҷониби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барнома дар бораи огаҳии ҷамъиятӣ ва иштироки ҷомеа дар беҳдошти саломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2015», ки усулҳои ташкили Шӯрои саломатии ҷаъиятиро пешниҳод менамояд, қабул карда шудааст. Ҳамзамон, дар ноҳия,

иштироки аҳолӣ дар ҳалли мушкилоти саломати суст буда, фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ин самт низ маҳдуд ва ҷузъӣ мебошад.

### 2.2.3. Ҳифзи иҷтимоӣ

Фаъолияти асосии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба таъмин намудани суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, таъминот бо нафақа, шуғли аҳолӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи оила, ҳуқуқи кӯдакон, таъмини кӯмаки иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва табақаи камбизоати аҳолиро дар бар мегирад.

Дар ноҳияи Ашт фаъолият оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ба зиммаи Шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷират ва Агентии давлатӣ оид ба суғурта, ҳифзи иҷтимоӣ ва нафақа вогузор шудааст.

***Шуғли аҳолӣ.*** Дар ноҳияи Ашт масъалаи афзалиятноки ҳифзи иҷтимоӣ, кам кардани шумораи бекорон, идоракунии самараноки ҷараёни муҳоҷират, расонидаи кӯмаки иҷтимоии суроғавӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, мебошад.

*Ҷадвали 35. Сатҳи бекории бақайдгирифташуда дар солҳои 2008- 2010*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Аҳолии қобили меҳнат (ҳазор нафар) | 69,5 | 71,2 | 72,6 |
| Бекорон (расман ба қайд гифташуда) нафар | 1009 | 951 | 910 |

Маълумотҳои бақайдгирифташуда оид ба бекорӣ воқеияти ҳолро инъикос намекунанд. Ба ақидаи коршиносони маҳаллӣ, сатҳи воқеии бекорӣ дар ноҳия, зиёда аз 50 фоиз аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад.

Дар доираи фаъолияти Маркази шуғли аҳолии ноҳия оид ба бекорӣ, ҳар моҳ кӯмакпулӣ барои бекорон ҷудо карда мешавад, ки айни ҳол он 60 сомониро ташкил медиҳад, ғайр аз ин барои ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҷониби марказ ба бекорон қарзҳои имтиёзноки бефоиз дода мешаванд.

*Ҷадвали 36. Қарздиҳии бефоиз ба бекорон (сомонӣ) дар солҳои 2008-2010*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Шумораи қарзгирандагон, нафар | 27 | 55 | 60 |
| Ба маблағи умумӣ | 27000 | 57663 | 72000 |

Бояд қайд кард, ки ба шахсоне, ки аз ҷои кори худ маҳрум шудаанд ё дар ҷустуҷӯи кор мебошанд, дар ҳолати дар қайди Маркази шуғли аҳолӣ будан ва пешкаш намудани тасдиқнома дар бораи маош ва пардохти андоз ба фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба онҳо кӯмаки иҷтимоӣ дар намуди ҷубронпулӣ дар ҳаҷми 70 фоизи маоши охирин дода мешавад.

Хабардор набудани бекорон аз ҳуқуқҳои иҷтимоии худ, боиси пайдо нашудани ҳавасмандӣ дар бораи ба бақайдмонӣ дар Маркази шуғли аҳолӣ гардидааст.

*Ҷадвали 37. Захираҳои меҳнатии ноҳия дар давраи солҳои 2008- 2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумора (ба 01\01) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1. | Хоҷагии хонавода | хоҷагӣ | 29092 | 29855 | 30454 |
| 2. | Аҳолӣ (аз ҷумла) | наф | 130657 | 133932 | 136456 |
| 2.1. | Мардон | наф | 65289 | 66926 | 68187 |
| 2.2. | Занон | наф | 65368 | 67006 | 68269 |
| 2.3. | Кӯдакони то 14 сола | наф | 45429 | 46572 | 47446 |
| 2.4. | Аҳолии синну соли миёна (15-62 (57 барои занҳо)) | наф | 69470 | 71214 | 72554 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2.5. | Аҳолии синну соли 63-58 ва зиёд | наф | 9146 | 9425 | 9552 |
| 3. | Шумораи кӯдакони навзод | наф | 3764 | 4138 | 4439 |
| 4. | Шумораи фавтидагон | наф | 64 | 86 | 83 |
| 5. | Муҳоҷирони меҳнатӣ | наф | 11420 | 12891 | 12340 |
| 6. | Аҳолии қобили меҳнати бекор (дар қайд набудагон) | наф | 17865 | 14831 | 11583 |
| 7. | Бекорон (расман дар қайд буда) | наф | 1009 | 951 | 910 |
| 8. | Аҳолии шуғлдошта (аз ҷумла) | наф | 37130 | 39500 | 41113 |
| 8.1 | Шумораи коргарони кироя дар саноат | наф | 583 | 549 | 512 |
| 8.2 | Шумораи коргарони кироя дар сохтмон | наф | 191 | 175 | 160 |
| 8.3 | Шумораи коргарони кироя дар кишоварзӣ | наф | 10929 | 9813 | 8773 |
| 8,4 | Шумораи коргарони кироя дар дар соҳаи алоқа ва нақлиёт | наф | 144 | 139 | 130 |
| 8.5 | Шумораи коргарони кироя дар дар тиҷорат ва хӯроки умум | наф | 212 | 196 | 191 |
| 8.6 | Шумораи коргарони кироя дар хоҷагиҳои комуналӣ | наф | 117 | 103 | 116 |
| 8.7 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи маориф | наф | 4652 | 4575 | 4685 |
| 8.8 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи тандурустӣ, варзиш, илм ва маданият | наф | 1375 | 1387 | 1390 |
| 8.9 | Шумораи коргарони кироя дар ташкилотҳои молиявӣ ва қарздиҳӣ | наф | 71 | 102 | 113 |
| 8.10 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи мақамоти ҳокимият | наф | 172 | 230 | 236 |
| 8.11 | Соҳаҳои дигар | наф | 1094 | 886 | 936 |
| 9. | Шумораи оилаҳои имтиёзи пардохти газ ва қувваи барқ гиранда | оилаҳо | 6577 | 5085 | 5972 |
| 9.1 | Шумораи кӯдакони имтиёзгиранда | наф | 3727 | 3659 | 3636 |
| 10 | Шумораи умумии нафақахӯрон | наф | 10060 | 10922 | 11334 |
| 10.1 | Шумораи пиронсолон | наф | 6895 | 7085 | 7391 |
| 10.2 | Шумораи ашхоси бе сарпараст монда | наф | 795 | 871 | 840 |
| 10.3 | Шумораи нафақахӯрони коркунанда | наф | 435 | 454 | 428 |
| 11. | Шумораи умумии маъюбон | наф | 1800 | 1866 | 1954 |
| 11.1 | Маъюбони модарзод ва кӯдакони маъюб | наф | 135 | 142 | 170 |

***Музди меҳнат.*** Дар ноҳияи Ашт, фарқияти андозаи музди меҳнат байни соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, ба назар мерасад. Сатҳи баландтарини музди меҳнат дар соҳаи саноат буда, музди камтарин дар соҳаи савдо мебошад.

*Диаграммаи 5. Андозаи музди меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар соли 2010 (сомонӣ)*




***Муҳоҷират.*** Муҳоҷирати меҳнатии беруна дар таъмини шуғли пурра ва паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ нақши муҳиме мебозад. Яке аз сарчашмаҳои асосии даромади аксари оилаҳо интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд. Дар ноҳия солҳои охир зиёд шудани шумораи муҳоҷирон ба назар мерасад. Дар назар дош-

та шудааст, ки мунтазам аз бӯҳрони иқтисодӣ баромадани кишварҳои қабулкунанда (аз ҷумла ФР), ба афзоиши шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ мусоидат хоҳад кард.

*Ҷадвали 38. Муҳоҷирати аҳолии қобили кори ноҳия дар солҳои 2008 – 2010*

| Солҳо | Аҳолии қобили меҳнат | Муҳоҷирони меҳнатӣ | | % аз аҳолии қобили меҳнат |
|---|---|---|---|---|
| | | ҳамагӣ | аз ҷумла занҳо | |
| 2008 | 69,5 | 11420 | 1289 | 16,4 |
| 2009 | 71,2 | 11789 | 1147 | 16,5 |
| 2010 | 72,6 | 12340 | 1211 | 17,0 |

Соли 2010 тавассути бонкҳо ба ноҳия аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ба маблағи 58196,5 ҳаз. доллари ИМА интиқол намудаанд, ки ин 33 фоиз нисбати соли 2009 зиёд мебошад.

***Дастгирии ичтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ.*** Дар ноҳия, соли 2010 шумораи умумии нафақахӯрон 11334 нафарро ташкил намуд ва дар давоми 3 соли охир ин шумора 12,7 фоиз зиёд гардидааст. Ҳамчунин шумораи маъюбон дар соли 2010 - 1954 нафарро ташкил намуда, нисбати соли 2009 ба 8,5 фоиз зиёд гардидааст.

Бо мақсади хизматрасонӣ ба шахсони яккаю танҳо ва маъюбон дар ноҳия шӯъбаи «Мададрасон» ташкил гардид (он аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешавад), дар шӯъбаи мазкур 28 нафар кормандоне, ки ба 231 эҳтиёҷмандон кӯмак менамоянд, фаъолият доранд. Кормандони ташкилоти мазкур ӯҳдадоранд, ки рӯзе 2 маротиба аз ҳоли шахсони солхӯрда бохабар гашта, манзили онҳоро тоза карда, ба онҳо дорую хӯрока харида, сару либоси онҳоро шӯянд ва хӯрок пазанд.

*Ҷадвали 39. Шумораи маъюбон, шахсони танҳо ва солхӯрда дар соли 2010 (наф.)*

| Нишондиҳандаҳо | Шумора |
|---|---|
| Иштирокчиёни ҶБВ | 10 |
| Маъюбони гурӯҳи 1,2,3 | 26 |
| Нафақахӯрони бемор | 9 |
| Дигарон | 186 |
| Аз рӯи ҷинс | |
| Занон | 174 |
| Мардон | 57 |

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ имтиёзҳо пешниҳод карда мешаванд. Соли 2010 ба 5972 оилаҳои камбизоати ноҳия имтиёзҳо оид ба пардохти ҳаққи хизматҳои коммуналӣ дода шуд ва 3636 хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии аз оилаҳои камбизоат кӯмакпулӣ дода шуд.

***Дурнамо***

*Ҷадвал 40. Дурнамои рушди захираҳои меҳнатии ноҳияи Ашт барои солҳои 2011- 2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | Дурнамо | | | 2015 бо % нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Захираҳои меҳнатӣ | 73,70 | 75,08 | 76,68 | 76,83 | 78,36 | 101,9 |
| Аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда (1000 наф) | 49,10 | 50,02 | 51,08 | 52,11 | 53,14 | 102,1 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| - дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ | 35,38 | 36,08 | 36,80 | 37,55 | 38,29 | 101,8 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| Саноат | 0,61 | 0,67 | 0,68 | 0,69 | 0,70 | 102,0 |
| Кишоварзӣ | 32,98 | 33,64 | 33,98 | 34,65 | 35,25 | 101,7 |
| Сохтмон | 0,19 | 0,20 | 0,20 | 0,21 | 0,21 | 102,3 |
| Нақлиёт ва комуникатсия | 0,17 | 0,20 | 0,21 | 0,21 | 0,22 | 101,8 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Савдо ва хизматрасонӣ | 0,13 | 0,16 | 0,16 | 0,17 | 0,17 | 104,6 |
| Дигар соҳаҳо | 1,28 | 1,20 | 1,55 | 1,60 | 1,71 | 106,9 |
| Муҳоҷирони меҳнатӣ | | | | | | |
| Шумораи муҳоҷирони меҳнатии берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор дошта (ҳаз.наф) | 8,52 | 8,61 | 8,42 | 8,31 | 8,12 | 97,7 |

### 2.2.4. Маданият ва фароғат

***Инфрасохтори маданият ва фарогат.*** Дар ноҳия 58 муассисаҳои маданӣ- фароғатӣ аз ҷумла, 29 китобхона, 27 клуб, осорхонаи таърихӣ - аграрӣ ва мактаби санъати бачагона амал мекунанд. Дар муассисаҳои мазкур 142 корманд фаъолият доранд ва аз онҳо 100 нафарашон (ё 70,4 фоиз) занҳо мебошанд. Инчунин дар ҳудуди ноҳия 9 кинотеатр бо 2650 ҷои нишаст мавҷуд аст.

Мушкилоти асосии соҳаи маданият ва фароғат аз базаи сусти моддию техникӣ, набудани бинои маъмурии шӯъбаи маданият, нарасидани техникаи компютерӣ ва таҷҳизоти офисӣ ва мултимедиавӣ, нокифоягии маблағҳои буҷавӣ барои гузаронидани чорабиниҳои маданӣ иборат мебошад. Ҳамаи муассисаҳои маданӣ ба об нишокӣ дастрасӣ дошта, аммо дар фасли сармо имкони гарм карданро надоранд.

***Варзиш.*** Дар ноҳия барои рушди соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ диққати махсус дода мешавад. Ҳамзамон дар ноҳия 3 варзишгоҳ бо 4500 ҷои нишаст, 25 толори варзишӣ ва 100 майдончаи варзишӣ амал менамоянд. Инчунин, мактаби варзишии бачагону наврасон фаъолият дорад, ки дар он 748 варзишгарон таҳти роҳбарии 36 нафар мураббиён бо намудҳои мухталифи варзиш машқ менамоянд.

Мушкилоти асосии соҳаи варзиш аз нарасидани омӯзгорони касбии тарбияи ҷисмонӣ, нарасидани асбобу анҷом ва таҷҳизот, ҳолати бади толорҳои варзишӣ ва маоши паст иборат мебошад. Ҳамаи муассисаҳои варзишӣ ба оби нӯшокӣ дастрасӣ дошта, дар фасли сармо имкони гарм карданро надоранд.

## Стратегия ва масъалаҳои бахши иҷтимоӣ

| Маориф | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Мақсад** | **Вазифа** | **Чораҳо/лоиҳаҳо** | **Арзиш умумии лоиҳа (ҳаз.сом)** | **Солҳо** | | | | | **Сарчашмаи маблаггузорӣ** | **Натиҷаҳои пешбинишаванда** |
| | | | | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | | |
| *Беҳтар гардонидани сифати хизматрасонии соҳаи маориф* | *Беҳтаргардонидани зерсохтори соҳаи маориф* | *Сохтмони синфҳои иловагӣ дар мактаби таҳсилоти умумии №20 деҳаи Саро ҷамоати Понгоз (120 ҷой)* | *1400* | *1400* | | | | | *Буҷаи вилоятӣ* | *100 % фарогирии хонандагон бо маълумоти ҳатмӣ то соли 2016* |
| | | *Сохтмони мактаби нотамоми № 9 дар ҷамоати Ҷарбулоқ (324 ҷой)* | *1950* | | | *1000* | *950* | | *номуайян* | |
| | | *Сохтмони мактаби нотамоми № 42 дар ҷамоати Ашт (240 ҷой)* | *1680* | | | *900* | *780* | | *Буҷаи ҷумҳури* | |
| | | *Сохтмони синфҳои иловагӣ дар мактаби таҳсилоти умумии №66 ҷамоати Понгоз (100 ҷой)* | *88,6* | | *22,15* | *22,15* | *22,15* | *22,15* | *Буҷаи маҳалли* | *Зиёд шудани шумораи ҷои нишасти хонандагон (3026 ҷой то соли 2016 )* |
| | | *Сохтмони гимназияи №7 дар ҷамоати Ашт (160 ҷой)* | *700* | *140* | *140* | *140* | *140* | *140* | *Буҷаи вилоятӣ* | |
| | | *Сохтмони мактаби №63 дар ҷамоати Ҷарбулоқ (100 ҷой)* | *194* | *38,8* | *38,8* | *38,8* | *38,8* | *38,8* | | |
| | | *Сохтмони мактаби №16 дар ҷамоати Ашт (100 ҷой)* | *114* | *22,8* | *22,8* | *22,8* | *22,8* | *22,8* | *номуайян* | *% -и фарогирии кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ (35% дар соли 2016 )* |
| | | *Сохтмони мактаби №15 дар ҷамоати Ашт (240 ҷой)* | *309,6* | *92,8* | *216,8* | | | | *Фонди католикӣ* | |
| | | *Сохтмони мактаби №67 дар ҷамоати Ҷарбулоқ (100 ҷой)* | *140* | *28* | *28* | *28* | *28* | *28* | *Сармояи хориҷӣ* | *%-и хатмкунандагони мактабҳо, ки ба донишгоҳҳои олии кишвар дохил шуданд (15% дар соли 2016 )* |
| | | *Сохтмони мактаби №59 дар ҷамоати Ашт (100 ҷой)* | *60* | *12* | *12* | *12* | *12* | *12* | *Соҳибкорон* | |
| | | *Сохмони мактаби нотамом №24 дар ҷамоати Пунук (320 ҷой)* | *208,5* | *187,6* | *20,9* | | | | *Фонди Католикӣ* | |
| | | *Сохтмони мактаби дар деҳаи Дӯстӣ ҷамоати Пунук (250 ҷой)* | *300* | *60* | *60* | *60* | *60* | *60* | | |
| | | *Сохтани мактаби нотамоми №46 дар ҷамоати Қирққудуқ (320 ҷой)* | *1850* | | | *850* | *1000* | | *Буҷаи вилоятӣ* | *Зиёд шудани иштирокчиёни олимпиада ва озмунҳо аз рӯи фанҳои асосии мактабӣ* |
| | | *Сохтмони мактаби №6 дар ҷамоти Ҷарбулоқ* | *406* | | | | *406* | | | |
| | | *Сохтмони филиали №42 дар деҳаи қаршиободи ҷамоти Ашт (160 ҷой)* | *552* | | | *552* | | | *Буҷаи маҳаллӣ* | |
| | | *Сохтани 4 синфи иловагӣ дар мактаби №11 дар ҷамоати Понгоз (100 ҷой)* | *70* | *14* | *14* | *14* | *14* | *14* | *Соҳибкорон* | *% -и таъмини муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисони баланихтисос (85% то соли 2016)* |
| | | *Сохтани 8 синфи иловагӣ дар мактаби №8 дар ҷамоати Қирққудқ (200 ҷой)* | *1100* | *220* | *220* | *220* | *220* | *220* | *Маблаггузории хориҷӣ* | |
| | | *Таъмири боми 4 синфхона дар мактаби №1 ҷамоати Ашт* | *34* | *6,8* | *6,8* | *6,8* | *6,8* | *6,8* | *Соҳибкорон* | |
| | | *Сохтмони биноӣ нотамоми марказ оид ба таҳсилоти иловгӣ дар шаҳраки Шайдон* | *470* | *94* | *94* | *94* | *94* | *94* | *Буҷаи маҳаллӣ* | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Сохтмони 4 синфи иловагӣ дар мактаби таҳсилоти умумии №49 ҷамоати Шодоба* | *52,5* | *5,2* | *47,3* | | | | *Корпуси Шафқат* | *Шумораи толорҳои варзишии сохташуда (6 адад то соли 2016 ) ва шумораи толорҳо ва майдончаҳои варзишӣ таъминшуда (10 толор ва 5 майдончаҳои варзишӣ то соли 2016)* <br><br> *Фоизи бо компютерҳо таъмин будани муассисаҳоти таълимии соҳаи маорифи ноҳия (100% то соли 2016)* |
| | | *Гузаронидани таъмири асосии биноҳои мактаби №43 дар ҷамоати Ошоба* | *176,2* | *140,9* | *35,3* | | | | *Фонди Католикӣ* | |
| | | *Гузаронидани таъмири асосии биноҳои мактабҳои №25, 12, 14 ва 5 дар ҷамоати Ашт, Чарбулоқ ва Қамишқӯргон* | *430* | *86* | *86* | *86* | *86* | *86* | *Буҷаи маҳаллӣ* | |
| | | *Гузаронидани таъмири ҷории биноҳои мактабҳои № 47, 59, 26, гимназияи №1 дар ҷамоати Ашт ва Шайдон* | *62* | *12,4* | *12,4* | *12,4* | *12,4* | *12,4* | *Соҳибкорон* | |
| | | *Таъмири бом ва майдончаи варзишӣ дар мактабҳои №49,51,46,62, 50,31,38 ва 27 дар ҷамоатҳои Ошоба, Қамишқӯргон, Қирққудуқ ва Шодоба* | *667* | *133,4* | *133,4* | *133,4* | *133,4* | *133,4* | *Буҷаи маҳаллӣ* | |
| | | *Таъмири бини мактабҳои №1 ва интернати №1 дар ҷамоати Ашт* | *202* | *40,4* | *40,4* | *40,4* | *40,4* | *40,4* | *Буҷаи ҷумҳуриявӣ* | |
| | | *Сохтмони ошхона дар мактаби №55 дар ҷамоати Ашт* | *40* | *8* | *8* | *8* | *8* | *8* | | |
| | | *Гузаронидани таъмири асосии биноҳо дар мактабҳои №18,23,24,32,45 ва 56 ҷамоати Пунук* | *300* | *60* | *60* | *60* | *60* | *60* | *Буҷаи ҷумҳуриявӣ* | |
| | | *Сохтмони толори варзиши дар шаҳраки Шайдон (200 ҷой)* | *1500* | *300* | *300* | *300* | *300* | *300* | | |
| | *Таҷҳизонидани муассисаҳои таълимии ноҳия* | *Сохтмони толорҳои варзишӣ дар мактабҳои № 18,16,31,38 ва 22 ҷамоати Шайдон, Ашт, Пунук ва Қамишқӯргон* | *547* | *109,4* | *109,4* | *109,4* | *109,4* | *109,4* | *Буҷаи ҷумҳуриявӣ* | |
| | | *Таъмири толорҳо ва майдончаҳои варзиши мактабҳои №39,17,4,36,30,62,8,34,46,52,67,6 ва 42 дар ҷамоатҳои Ошоба, Понгоз, Шайдон, Шодоба, Қирққудуқ, Чарбулоқ ва Ашт* | *212,2* | *42,44* | *42,44* | *42,44* | *42,44* | *42,44* | *Буҷаи ҷумҳуриявӣ* | |
| | | *Таъмир ва модернизатсияи майдончаҳои варзиши дар мактабҳои №47,56,23,1,25,59,15 ва 14 дар ҷамоати Ашт ва Пунук* | *193,1* | *38,62* | *38,62* | *38,62* | *38,62* | *38,62* | *номуайян* | |
| | | *Таъмири асосии биноҳои боғчаҳои бачагонаи ноҳия ао модернизатсияи онҳо* | *550* | *110* | *110* | *110* | *110* | *110* | *соҳибкорон* | |
| | | *Харидани лавозимоти таълими (мизу курси) барои муассисаҳои таҳсилотии ноҳия (дар якҷоягӣ 515)* | *203* | *40,6* | *40,6* | *40,6* | *40,6* | *40,6* | *Буҷаи маҳаллӣ* | |
| | | *Харидани техникаи компютерӣ ва таҷҳизот барои муассисаҳои таълимии ноҳия (72)* | *1400* | *280* | *280* | *280* | *280* | *280* | *Буҷаи вилоятӣ* | |
| *Ҳамагӣ:* | | | *18161,7* | *3724,16* | *2240,11* | *5221,81* | *5055,81* | *2309,81* | | |

<table>
<tr><th colspan="11">Солимии аҳолӣ</th></tr>
<tr><th rowspan="2">Мақсад</th><th rowspan="2">Вазифаҳо</th><th rowspan="2">Чорабиниҳо/лоиҳаҳо</th><th rowspan="2">Арзиш (ҳаз.сом)</th><th colspan="5">Солҳо</th><th rowspan="2">Сарчашмаи маблаггузорӣ</th><th rowspan="2">Натиҷаҳои пешбинишаванда</th></tr>
<tr><th>2011</th><th>2012</th><th>2013</th><th>2014</th><th>2015</th></tr>
<tr><td rowspan="7">Беҳтар намудани сифат ва дастраси ба хизматрасонии соҳаи тандурустӣ</td><td rowspan="7">1. Беҳтар намудани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ ва иштироки онҳо вобаста ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироатӣ.<br>2. Беҳтар намудани иқтидор ва сифати МТТ</td><td>Гузаронидани чорабиниҳои ҷамъиятӣ – иттилоотӣ (аксияҳо, мизҳои мудаввар, вохӯриҳо, намоишҳои театрикунонидашуда, радио ва барномаҳои телевизионӣ, мақолаҳо дар нашрияҳои маҳаллӣ, бароварда паҳн намудани маводҳои иттилоотӣ ва гайра) аз рӯи масъалаҳои: ҳомиладорӣ ва пешгирии камхунӣ ва норасоии микрунутриенӣ, норасоии йод дар занҳои қобили таваллуд, сил, ВИЧ/СПИД, БСРӯда ва БСРеспираторӣ.<br>Ташкили шӯрои солимии ҷомеа дар деҳаҳои ноҳияи Ашт мувофиқи усулҳои қабулкардаи ВТ ҶТ.<br>Таҳияи нақшаҳои солимии ҷомеа дар ҳама қишлоқҳои ноҳияи Ашт.<br>Гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ (ҳашарҳо) оид ба тозакунии ҷӯйборҳо кӯчаву тангкӯчаҳо аз партов.<br>Ташкили доруқуттиҳои тиббӣ дар деҳаҳо.<br>Ташкили нақлиёт барои ҳамлу нақли беморон ба муасссисаҳои тиббӣ.</td><td>150</td><td>30</td><td>30</td><td>30</td><td>30</td><td>30</td><td>Буҷаи маҳаллӣ</td><td rowspan="7">Паст намудани коэффисиенти фавти модару кӯдак (то 17-18% дар соли 2016 )<br><br>Паст намудани фоизи таваллуд дар шароитҳои хона ( 0,3% то соли 2016)<br><br>Паст намудани фоизи бемории камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои таваллудкарда (то 20% дар соли 2016 )<br><br>Паст кардани фоизи бемориҳои сироятӣ (0,3% то соли 2016)<br><br>Фоизи таъминоти муассисаҳои тандурустӣ бо мутахассисони баландихтисос (100,0% то соли 2016)<br><br>Шумораи табибони оилавии омодашуда (70 нафар то соли 2016)<br><br>Шумораи бино ва иншоотҳои муассисаҳои тандурустие, ки аз таъмири асосӣ ба ҷорӣ гузаштан ( 41 адад то соли 2016)</td></tr>
<tr><td>Сохтмони бинои беморхонаи ноҳиявӣ дар шаҳракӣ Шайдон (150 ҷой)</td><td>10290</td><td></td><td>8047</td><td>2053</td><td>1900</td><td></td><td>Буҷаи ҷумҳурӣ</td></tr>
<tr><td>Сохтани бинои шӯъбаи ҷароҳии №2 беморхонаи марказии ноҳия дар деҳаи Дӯстии ҷамоати Ашт</td><td>510</td><td>210</td><td>300</td><td></td><td></td><td></td><td>Сафоратхонаи Ҷопон</td></tr>
<tr><td>Гузаронидани таъмири асосии бинои маъмурии марказӣ назорати санитарӣ – эпидемиологии давлатӣ дар шаҳраки Шайдон</td><td>43</td><td>8,6</td><td>8,6</td><td>8,6</td><td>8,6</td><td>8,6</td><td>Буҷаи вилоятӣ</td></tr>
<tr><td>Гузаронидани таъмири асосии шӯъбаи амрозӣ дарунӣ беморхонаи деҳоти ҷамоати Ашт</td><td>28</td><td>-</td><td>-</td><td>28</td><td>-</td><td>-</td><td>Буҷаи маҳаллӣ</td></tr>
<tr><td>Гузаронидани таъмири асосии бинои Маркази саломатӣ дар деҳаи Ашти ҷамоати Ашт</td><td>61</td><td>12,2</td><td>12,2</td><td>12,2</td><td>12,2</td><td>12,2</td><td>Буҷаи ҷумҳурӣ</td></tr>
<tr><td>Гузаронидани таъмири капитали бинои беморхонаи касалиҳои сироятии деҳаи Ҷарбулоқ</td><td>42,2</td><td>8,44</td><td>8,44</td><td>8,44</td><td>8,44</td><td>8,44</td><td>Буҷет вилоят</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td>Таъмири биноҳои (хонаи саломатӣ)-и ҷамоатҳои ноҳия ва таъмин намудани онҳо бо таҷҳизоти навтарини тиббӣ</td><td>1000</td><td>200</td><td>200</td><td>200</td><td>200</td><td>200</td><td>Буҷаи вилоятӣ</td><td></td></tr>
</table>

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Таъмин намудан бо таҷҳизоти тиббии навтарин ва 2 адад мошини ёрии таъҷилии тиббӣ ба муасссисаҳои тиббии ҷамоати Пунук* | *145* | *29* | *29* | *29* | *29* | *29* | *номуайян* | *% муассисаҳои тиббии ба оби нушокӣ ва хизматҳои корези дастрасӣ доранд (40,0% то соли 2016 )* |
| | | *Сохтмони хонаи саломатии «Янгиобод» дар ҷамоати Ҷарбулоқ* | *118* | - | - | *118* | - | - | *номуайян* | |
| | | *Сохтмони хонаи саломатии «Даҳана 2» дар ҷамоати Шайдон* | *118* | - | - | *118* | - | - | *номуайян* | |
| | | *Сохтмони хонаи саломатии «Сарвак» дар ҷамоати Шайдон* | *118* | - | - | *118* | | | *номуайян* | |
| | | *Сохтмони хонаи саломатии «Навбунёддар ҷамоати пунук Пунук* | *118* | - | - | | | *118* | *номуайян* | |
| | *Ҳамагӣ:* | | *14451,2* | *498,24* | *8635,24* | *2723,24* | *2188,24* | *406,24* | | |

## Маданият ва фароғат

| Мақсад | Вазифа | Чорабиниҳо | Арзиш (ҳаз.сом) | Сол 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Беҳтар гардонидани дастрасии аҳолӣ ба маданият ва фароғат | Беҳтар намудани базаи моддӣ ва техникии муассисаҳои мадании ноҳия | Сохтмони «Қасри маданият» дар шаҳраки Шайдон | 570 | 114 | 114 | 114 | 114 | 114 | Буҷаи вилоят | Зиёд намудани ҳаҷми харолҷоти буҷети маҳаллӣ ба соҳаи маданият (ба 15% дар соли 2016 г) Шумораи бино ва иншоотҳои мадании сохташуда (5 адад то соли 2016) Шумораи бино ва иншоотҳои муасисаҳои маданӣ, ки аз таъмири асосӣ ва ҷорӣ гузаштанд (9 бино то соли 2016) % -и муассисаҳои мадании ба оби нушокӣ ва хизмати коррезӣ дастрасӣ доранд (100% дар соли 2016) % -и муассисаҳои мадании гармидиҳии марказонида дошта (5%дар соли 2016) |
| | | Таъмир ва барқарорсозии муассисаҳои маданӣ ва китобхонаҳо дар 9 ҷамоатҳои ноҳия | 138,1 | 27,6 | 27,6 | 27,6 | 27,6 | 27,7 | Номаълум | |
| | | Таъмир ва барқарор созии мактаби санъат дар шаҳраки Шайдон | 206 | - | - | - | 206 | - | Номаълум | |
| | | Таъмир ва барқарорсозии бинои осорхонаи таърих ва кишваршиносӣ | 67 | 13,4 | 13,4 | 13,4 | 13,4 | 13,4 | Номаълум | |
| | | Ба охир расонидани сохтмони бинои мактаби расомӣ дар шаҳраки Шайдон, ҷамоати Шайдон | 125,1 | 25 | 25 | 25 | 25 | 25,1 | Номаълум | |
| | | Таъмир ва барқарорсозии атраксионҳои фароғатии боғи истироҳатии шаҳрии ба номи М.Воҳидов дар шаҳраки Шайдон | 135,0 | 27 | 27 | 27 | 27 | 27 | Буҷаи маҳалӣ | |
| | | Таъмири боми хонаи маданият дар деҳаи Марҳамати ҷамоати Ошоба | 91,2 | 18,2 | 18,2 | 18,2 | 18,2 | 18,4 | Номаълум | |
| | | Таъмири боми хонаи маданият дар деҳаи Гулшани ҷамоати Ошоба | 23 | 11,5 | 11,5 | | | | Номаълум | |
| | | Таъмири боми хонаи маданият дар ҷамоати Пунук | 100 | | | 30 | 30 | 40 | Номаълум | |
| | | Ҳамагӣ: | 1455,4 | 236,7 | 236,7 | 255,2 | 461,2 | 265,6 | | |
| | Варзиш | | | | | | | | | |
| | Беҳтар гардонидани базаи моддию техникии муассисаҳои варзишӣ | Аз таъмири асосӣ баровардани варзишгоҳи марказӣ | 250 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | Буҷаи вилоят | Ҳаҷми хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба соҳаи варзиш (ба 15 % то соли 2016) Шумораи иншоотҳои варзишии аз таъмири асосӣ ва ҷорӣ гузаштан (5 адад то соли 2016 ) % -и муассисаҳои варзишии системаи гармидиҳӣ доранд (5 муассиса то соли 2016) |
| | | Гузаронидани чорабиниҳои мухталифи варзишӣ | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Буҷаи маҳалӣ | |
| | | Сохтани фитнес – клуб дар марказӣ ноҳия | 80 | 16 | 16 | 16 | 16 | 16 | | |
| | | Сохтмони ҳавзи шиноварӣ | 230 | 46 | 46 | 46 | 46 | 46 | Буҷаи вилоят | |
| | | Сохтмони клуби шоҳмот дар марказӣ ноҳия | 45 | 9 | 9 | 9 | 9 | 9 | Буҷаи маҳалӣ | |
| Ҳамагӣ: | | | 655 | 131 | 131 | 131 | 131 | 131 | | |

## 2.3. Инфрасохтор

### 2.3.1. Хоҷагии манзилию коммуналӣ

***Таъминкунӣ бо оби ошомиданӣ.*** Дар ноҳияи Ашт минтақаҳое мавҷуд мебошанд, ки аҳолӣ он аз набудани оби босифати нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Системаи обтаъминкунии ноҳия аз 12 шабаки обтаъминкунӣ бо дарозии умумии 13 км, иборат мебошад. Дарозии хатти асосӣ обтаъминкунии ноҳия 8,7 км мебошад, ки соли 1959 сохта шудааст ва дар ҳудуди шаҳраки Шайдон ҷойгир мебошад.

Муассисаи воҳиди давлатии обтаъминкунӣ ва корези ноҳияи Ашт таъминкунандаи асосии аҳолии ноҳия бо оби нушокӣ мебошад ва он танҳо аҳолии шаҳраки Шайдонро бо оби нӯшокӣ таъмин менамояд. Муассисаи мазкур 12 ташкилоту муассисаҳои буҷавӣ, 40 муассисаҳои худмаблағгузор ва 2299 хонаводаҳоро (10500 нафар) бо оби нӯшокӣ таъмин намуда, барои баровардани партовҳои сахти маишии (ПСМ) махсус гардонида шудааст. Воситаҳои техникии муассиса, бинобар истифодаи солҳои зиёд дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд. Аз ин лиҳоз, фарсудашавии таҷҳизотҳо ва камёб будани қисмҳои эҳтиётии онҳо имкониятҳои муассисаро барои гузаронидани таъмиру тармими пурра ва босифтати иншоотҳои обрасонӣ маҳдуд намудааст.

*Ҷадвали 41. Сатҳи таъминоти аҳолӣ бо оби нушокӣ аз рӯи ҷамоатҳо*

| Шӯъбаҳои обтаъминкунӣ | Шумораи аҳолӣ | Ба оби нӯшокӣ дастрсӣ доранд (бо %) | Ба оби нӯшокӣ дастраси надоранд (бо %) | Аҳолии ба оби полезӣ дастрасӣ доранд (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| Шайдон | 19510 | 78,0 | 22,0 | 75,9 |
| Понғоз | 25759 | 30,0 | 70,0 | 75,0 |
| Қамишқӯрғон | 11776 | 14,8 | 85,2 | 71,0 |
| Шодоба | 7930 | 19,8 | 80,2 | 95,5 |
| Ошоба | 18700 | 82,0 | 18,0 | 100,0 |
| Қирққудуқ | 10062 | 48,9 | 51,1 | 73,5 |
| Ҷарбулоқ | 15612 | 78,6 | 21,4 | 67,6 |
| Ашт | 19114 | 28,0 | 72,0 | 60,0 |
| Пунук | 7993 | - | 100,0 | 100,0 |

Аҳолии деҳоти ноҳия аз оби чашмаҳои худҷоришаванда, ҷӯйборҳо, заҳбурҳо ва оби чоҳҳои артезианӣ истифода мебаранд. Дастрасии умумии аҳолӣ ба оби босифати нӯшокӣ дар ноҳия 78 фоизро ташкил медиҳад.

Қарзи истифодабарандагони об дар назди Муассисаи воҳиди давлатии обтаъминкунӣ ва корези ноҳия ниҳоят зиёд мебошад, вале дар солҳои охир кам шудани ҳаҷми қарз бахусус қарзи ташкилоту муассисаҳо ба назар мерасад.

*Ҷадвали 42. Таъмини аҳолӣ бо оби нушокиӣ ва пардохти ҳаққи хизматрасонӣ дар солҳои 2008- 2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1 | Шумораи умумии мизоҷон, аҳолӣ | оилаҳо | 2248 | 2283 | 2299 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | воҳид | 10 | 9 | 12 |
| | - ташкилотҳои ғайрбуҷавӣ | воҳид | 16 | 16 | 17 |
| | - дигар мизоҷон | воҳид | 22 | 22 | 23 |
| 2 | Пардохт барои оби истифодашуда аз ҷумла | сомонӣ | 338867 | 472609 | 615239 |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | 260458 | 365064 | 522813 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 31265 | 52164 | 34566 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 29002 | 41099 | 38325 |
| | -дигар мизоҷон | сомонӣ | 18142 | 14282 | 19535 |
| 3 | Қарзи мизоҷон | сомонӣ | 104172 | 87334 | 68891 |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | 69379 | 70492 | 61626 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 34793 | 16842 | 7265 |
| 4 | Арзиши об (1 $м^3$) | сомонӣ | 0,125 | 0,16 | 0,244 |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | 0,125 | 0,16 | 0,244 |
| | а) биноҳои бисёрошёна | сомонӣ | 0,125 | 0,16 | 0,244 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | б) якошёна | сомонӣ | 0,125 | 0,16 | 0,244 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 0,125 | 0,16 | 0,244 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 0,125 | 0,16 | 0,244 |
| | - дигар мизоҷон | сомонӣ | 0,125 | 0,16 | 0,244 |
| 5 | Оби дар як шабонарӯз коркардшуда | ҳаз.м$^3$ | 7,9 | 7,4 | 7,0 |
| 6 | Талафоти умумӣ | ҳаз.м$^3$ | 442,0/1,3 | 393,4/1,1 | 375,5/1,0 |

Системаҳои обтаъминкунии мавҷуда кӯҳнаю фарсуда мебошад. Муҳофизати санитарии қитъаҳои назди сарчашмаҳои об дар аксари ҷамоатҳо вуҷуд надорад ва қитъаҳои обтақсимкунӣ низ назорат карда намешаванд, ки ин ба сифати об таъсир мерасонад.

Фишори паст дар хатҳои асосии интиқоли об имконияти ба ошёнаҳои болоии биноҳои бисёрошёна таъмин шудани обро маҳдуд менамоянд. Ба ғайр аз ин, дар биноҳои бисёрошёна ҳаҷми зиёди талафоти шабонарӯзии об ба 20 – 30 фоиз мерасад, ки илати асосии талафоти зиёд аз кӯҳнаю фарсуда шудани хатҳои обтақсимкунӣ вобаста мебошад.

Системаи корези ноҳия дар даврони пас аз барҳамхурии Иттиҳоди Шӯравӣ сохта шуда, то ҳоло амал мекунад. Дарозии умумии шабакаи корез 2,9 км-ро ташкил медиҳад. Истифодабарандагони асосии шабакаи обу корези ноҳия Беморхонаи марказии ноҳия, ҳаммоми шаҳрак, 4 муассисаи тиҷоратӣ ва як қисми хонаҳои бисёрошёна мебошанд. Шабакаи обу корези мавҷуда, талаботи пурраи аҳолиро қонеъ карда наметавонад. Ҳаҷми партовҳои обу корез дар маҷмӯъ 30 ҳаз.м$^3$-ро ташкил медиҳад, ки аз се як ҳиссаи он ба хонаҳои бисёрошёна рост меояд. Барои тоза намудани партовҳои корез дар ноҳия 3 иншооти тозакунӣ мавҷуд аст.

*Ҷадвали 43. Фаъолияти иншоотҳои обтозакунии ноҳия дар соли 2011*

| Номгӯи иншоотҳои тозакунонида | Ноҳия | Истеҳсоли шабонарӯзии об м$^3$/шабонарӯз | Истеҳсоли ҳақиқи м$^3$/шабонарӯз | Усулҳои тозакунӣ | Ҷойи нигоҳдории обҳои тозашуда | Таркиби иншоотҳои тозакунанда | Мавҷудияти иҷозат ба партофтан |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ИОК-и ноҳия | Шайдон | 200 | 140 | Биологӣ | Релеф | Харитаҳои биологӣ | иҷозатнома №3 23.01.08 |
| Заводи консервабарорӣ | Шайдон | - | 1540,1 | Механикӣ | Релеф | - | |

Яке аз мушкилоти муҳимтарин аз ифлосиҳо тоза кардани хандаққо, мабразҳои табобатгоҳ, муассисаҳои кӯдакона, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва аҳолии деҳот мебошад. Дар ноҳия мошини нурикаши мавҷуд нест.

***Таъминот бо нерӯи барқ.*** Аҳолии ноҳия бо хати интиқоли барқ пурра таъмин мебошад. Дар ноҳия 4 зеристгоҳҳои трансформаторӣ мавҷуд мебошад аз ҷумла, Шайдон, Ҷарбулоқ, Наврӯз ва Ашт. Мушкилоти асосӣ аз сарбории зиёд, ки аксарияти зеристгоҳҳои трансформаторӣ аз кор баровардааст, инчунин аз рӯи лимит таъмини ноҳия бо нерӯи барқ дар фасли зимистон иборат мебошад.

Муассисаи шабакаҳои барқи ноҳияи Ашт дар тобеъияти шабакаҳои барқии давлатии вилояти Суғд мебошад. Дар муассиса 88 коргар, аз ҷумла, 17 муҳандис фаъолият мекунанд. Муассиса дар баланси худ 18 зеристгоҳҳоро бо иқтидори 110/35/10 кв ва 192 Квт дорад. Дарозии умумии хати интиқоли барқ: 10 КВ - 532,5 км; 0,4 кВт – 471,0 км. мебошад. Дарози шабакаи интиқоли барқ ва сатҳи пасти шиддати нерӯи барқ, дар қитъаҳои дурдасти ноҳия таъминотро бо нерӯи барқ мушкил мегардонад. Муассисаи шабакаҳои барқи ноҳияи Ашт норасогии техника ва маблағро ҷиҳати гузаронидани таъмир эҳсос менамояд.

*Ҷадвали 44. Нишондиҳандаи асосии таъминоти нерӯи барқ дар ноҳияи Ашт дар солҳои 2008-2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1 | Фурӯши нерӯи барқ | ҳаз.сомон | 6950,9 | 9091,3 | 6758,8 |
| 2 | Ҳаҷми умумии нерӯи барқи фурӯхташуда | ҳаз.квт/с | 187307,1 | 193630,3 | 162630,4 |
| 3 | Аз ҷумла ба аҳолӣ | ҳаз сомон | 2296,8 | 2007,1 | 3080,5 |
| - | Ҳаҷми умумӣ | ҳаз.квт/с | 223024,6 | 222354,2 | 195247,8 |
| 4 | - ташкилотҳои буҷавӣ | ҳаз.сомон | 162,0 | 258,1 | 269,4 |
| 5 | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | ҳаз. сомон | 5741,1 | 6826,1 | 3408,9 |
| - | Ҳаҷми умумӣ | ҳаз.квт/с | 185380,7 | 192477,7 | 162299,4 |
| 6 | Арзиши 1 кВт/с (ба шумораи миёна): | дирам | 3,71 | 4,70 | 4,16 |
| | - аҳолӣ | дирам | 4,00 | 6,75 | 9,00 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | дирам | 3,62 | 6,12 | 8,50 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | дирам | 10,12 | 15,39 | 21,3 |
| 7 | Қарзи умумии муштариён аз ҷумла: | ҳаз.сомон | 9000,3 | 12711,1 | 14865,6 |
| | - аҳолӣ | ҳаз. сомон | -33,3 | -230,1 | -37,8 |
| 8 | -талафоти умумӣ | ҳаз квт/с | 35717,5 | 28723,9 | 32617,4 |
| | - талафоти умумӣ | % | 16,02 | 12,95 | 16,71 |

***Таъминот бо газ***. Дар ноҳия таъминоти аҳолӣ бо гази моеъ аз тарафи Муассисаи «Хоҷагии гази ноҳияи Ашт», ки дар тобеияти муассисаи вилоятии ҶСП «Сомон - Суғдгаз» мебошад, амалӣ менамояд. Шумораи коргарони муассисаи мазкур аз 2 нафар иборат мебошанд. Муассиса гази моеъро аз маркази вилоят, бо мошинҳои махсусгардонидашуда ба муштариёни ноҳия дастрас менамояд.

Аз ҷониби Муассисаи мазкур дар маркази ноҳия нуқтаҳои фурӯши гази моеъ ҷитҳати таъмини мунтазами аҳолӣ ва соҳибони нақлиёти автомобилӣ ташкил карда шудааст. Ба ғайр аз ин, дар маркази ҷамоатҳои ноҳия 8 нуқтаи фурӯши гази моеъ аз ҷониби бахши хусусӣ ташкил карда шудааст.

***Тозакунии партов.*** Ҳаҷми партовҳои сахти маишии (ПСМ) дар ноҳия (хусусан аз тарафи аҳолӣ), дар солҳои охир хеле зиёд шудааст ва саривақт тоза кардани партов мушкилоти ҷиддиеро ба пеш овардааст.

*Ҷадвали 45. Ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ дар ноҳия дар солҳои 2006 – 2010*

| 2006 | | | | 2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ ПСМ (тон) | Аз ҷумла | | | Ҳамагӣ ПСМ (тон) | Аз ҷумла | | |
| | ободонӣ | Аҳолӣ | Муассисаҳо | | ободонӣ | Аҳолӣ | Муассисаҳо |
| 1581 | 518 | 457 | 606 | 2288 | 704 | 1227 | 357 |

Партовгоҳи ДТП «ХМК» - и ноҳияи Ашт дар масофаи 6км аз нуқтаи аҳолинишини шаҳраки Шайдон, дар назди роҳи Шайдон – Ошоба ҷойгир аст. Дар партовгоҳ ҷои махсус барои дафни ҷасади сагони бесоҳиб мавҷуд мебошад.

Мувофиқи меъёрҳои санитарӣ дар маркази ноҳия 10 нуқтаи ҷамъоварии партов ташкил карда шудааст. Ҳамчунин дар баъзе нуқтаҳои аҳолинишин мувофиқи талабот ва дархости аҳолӣ бо тартиби хабардоркунӣ, ҷамъоварӣ ва баровардани партов амалӣ мегардад.

Дар шаҳрак барои ҳаққи хизматрасонии баровардани ПСМ пардохти ҳармоҳа, ба ҳаҷми 5 сомонӣ аз ҳар як хоҷагӣ муқаррар шудааст. Аҳолии шаҳрак барои хизматрасонии баровардани ПСМ аз муассиса қарздор нест. Ба аҳолии шаҳраки Шайдон Муассисаи воҳидии давлатии хоҷагии манзилию коммуналӣ (МВДХМК) хизмат мерасонад, ки он дорои 18 коргар ва аз ин 10 нафар онҳо занҳо мебошанд. Маоши миёнаи онҳо 248,77

сомониро ташкил медиҳад. Айни ҳол, муассисаи коммуналӣ 2 воситаи нақлиёт (1 трактори МТЗ-80 ва 1 автомашинаи ГАЗ-53) барои кашонидани партов дорад. Барои беҳтар намудани корҳо оид ба баровардан ва нобуд сохтани ПСМ ба муассиса як экскаватор, як булдозер ва як мошини нурикашон (АСМ) лозим мебошад.

Мушкилоти муассиса: Нарасидани техникаи лозима (аз ҷумла, 1 трактори МТЗ-80, 1 экскаватор, 1 булдозер, 1 мошини нурикашон АСМ, 1 мошини обкашон, зарф барои нигоҳ доштани об дар партовгоҳ), нарасидани маблағгузории буҷавӣ.

Набудани партовгоҳҳо дар ҷамоатҳои Ашт, Пунук, Қирққудуқ, Ҷарбулоқ, Ошоба (зиёда аз 60000 нафар аҳолӣ истиқомат мекунад), Шодоба, Қамишқӯрғон (аҳолии он ҷо ба 30000 нафар), дар оянда мушкилоти ҷиддиеро пеш меорад, партовҳо асосан аз ҳисоби аҳолӣ бароварда мешавад, дар сатҳи ҷамоат, муассисаҳо оид ба кашонидан ва тоза кардани партов мавҷуд нестанд. Барои ташкили баровардан ва тоза кардани ПСМ, дар ҷамоатҳои зикршуда ташкили як партовгоҳ бо андозаи 2 га, ташкили 2 хоҷагии коммуналие, ки имконияти ба 5 ҷамоат хизмат расонида тавонад мувофиқи мақсад мебошад.

***Манзил.*** Бо сабаби суръати зиёди афзоиши аҳолӣ дар ноҳия масъалаи таъмини аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ пеш омадааст. Дар давоми солҳои 2008 - 2010 ҳамагӣ ба 2250 аҳолии ноҳияи Ашт қитъаҳои наздиҳавлигӣ ҷудо карда шуд, ки ин 28,1 фоиз ҳамаи дархостҳои аҳолиро дар бар мегирад. Мушкилоти асосии қитъаҳои тақсимшаванда дар он аст, ки 100 фоизи қитъаҳои заминҳои обӣ мебошанд. Дастрасӣ ба инфрасохтор вуҷуд надорад, (хатҳои интиқоли барқ, таъминоти об, канализатсия ва гармидиҳӣ нест), кӯчаҳо ноободу ва мумфарш нашудаанд. Дар ноҳия сохтмони асосии давлатии манзил барои аҳолӣ вуҷуд надорад.

### 2.3.2. Нақлиёт ва коммуникатсия

**Роҳҳо.** Ба хизматрасонии нақлиётии ноҳия шабакаи роҳҳои маҳаллӣ, ки бояд талаботи кашонидани маҳсулоти муассисаҳо ва дигар хоҷагиҳоро қонеъ гардонад, таъсири зиёд доранд.

Хоҷагии роҳҳои ноҳияро Муассисаи Давлатии «Хизматрасонии роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ашт», ки ба Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст, идора мекунад. Дар муассиса 61 нафар коргарон кор мекунанд. Муассиса ба 316,5 км роҳҳои истифодаи умум (аз онҳо 94,9 км роҳҳои байналхалқӣ, 37,5 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 185 км роҳҳои маҳаллӣ мебошанд), инчунин ба 18 пул (кӯпрук) ва 401 қубурҳои обтаъминкунӣ хизмат мерасонад.

Аз 8 кӯпрукҳои мавҷуда 3 кӯпрук дар роҳҳои Шайдон - Понғоз, Бободархон - Мулломир ва Ошоба – Шивар аз сабаби офатҳои табиӣ вайрон шудаанд ва имрӯз, бинобар сабаби набудани маблағ ин кӯпрукҳо то ҳол таъмир карда нашудаанд. Дар 20 соли охир бо сабаби маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ дар аксари роҳҳои ноҳия таъмири асосӣ ва ҷорӣ гузаронида нашудааст. Айни ҳол, 150 км роҳҳои истифодаи умум ниёз ба гузаронидани таъмири асосӣ доранд. Ҳолати ғайриқаноатбахши роҳҳо ба афзоиши хароҷоти таъмири воситаҳои нақлиётӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар аксари қитъаҳои роҳ асфалт аз сатҳи замин поёнтар ҷойгир аст, ки дар натиҷаи боришоти боруну барф ҳавзҳои обро ба вуҷуд оварда, роҳро вайрон мекунад. Қариб 140 км роҳҳои истифодаи умум ниёз ба таъмири асосӣ доранд, аз ҷумла, роҳҳои Ғафуров – Булоқ - Пунгон, Булоқ – Шайдон, Тут – Ашт – Оби Ашт, Ошоба – Шивар, Шайдон - Понғоз ва роҳи Адрасмон. Ҳолати кунунии роҳҳо ба бехатарии ҳаракати роҳ таъсири манфӣ мерасонад.

Муассисаи давлатии «Хизматрасонии роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ашт» 27 адад нақлиёт ва механизмҳо барои таъмирӣ роҳ ва 5 воситаи техникӣ дорад, ки аксарияти онҳо, аз нарасидани қисмҳои эҳтиётӣ ва набудани воситаҳои молиявӣ кор намекунанд. Муассиса дар тавозуни худ заводи асфалтбарории «Тут»-ро дорад, ки 10 сол инҷониб фаъолият намекунад.

***Нақлиёт.*** Дар ноҳия 5865 адад автомобилҳо ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 4242 ададашон бо бензин, 1623 бо сӯзишвории дизелӣ кор мекунан. Дар ноҳия 15

истгоҳҳои таъмини сӯзишвории нақлиёт вуҷуд доранд, ки 4 - тои онҳо аз санҷиши экологӣ нагузаштанд. Ғайр аз ин, 5 нуқтаи фурӯши кӯчагии мавсимии сӯзишворӣ мавҷуд аст. Дар бахши нақлиётии ноҳия 2 муассиса оид ба кашонидани бор ва мусофирон, ва 170 соҳибкорони инфиродӣ ба бору мусофиркашонӣ машғуланд. Дар ноҳия 25 воситаи нақлиётии боркашон ва 145 автобус ва микроавтобусҳо, ки ба аҳолӣ хизмат мерасонанд ба қайд гирифта шудаанд. Айни ҳол ба ҳамаи ҷамоатҳо аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ хатсайрҳои мусофиркашонӣ ба роҳ монда шудааст.

***Алоқа.*** Филиали ҶСК «Тоҷиктелеком»-и ноҳияи Ашт оператори ягонаи давлатӣ дар ҳудуди ноҳия мебошад, ки ба аҳолӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо хизмат мерасонад. Дар тавозуни муассиса 1 истгоҳ дар маркази ноҳия, ки дорои 2048 рақамҳои телефонӣ, 11 истгоҳҳои телефонии аналогӣ дар деҳот ва 7 нуқтаи радиои маҳаллӣ мебошад.

Дар маркази ноҳия нуқтаи алоқаи байнишаҳрӣ ва байналхалқӣ амал мекунад. Инчунин Телеком имконияти техникии пайваст намудани мизоҷонро ба шабакаи интернет ва почтаи электронӣ дорад. Аҳолии ноҳия аз хизматрасонии операторони мобилии TCELL, МЛТ, Вавилон, Билайн ва ТК-Мобайл истифода мебаранд. Дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот шабакаҳои телевизионии ТВТ, ТВ Сафина, Ҷаҳоннамо, Баҳористон ва шабакаи вилоятии Суғд пахш карда мешаванд. Дар ҷамоатҳо бо сабаби кӯҳна шудани техникаи радиошунавонӣ, аҳолӣ ба радиои маҳаллӣ дастрасӣ надорад.

Дар ноҳия ҳафтавораи «Шӯҳрати Ашт» бо теъдоди 1000 нусха нашр мегардад (нашрияи ҳукумати иҷроияи ноҳия). Мушкилоти асосии коммуникатсияи ноҳия аз фарсуда будани таҷҳизоти истгоҳҳои телефонӣ, набудани шабакаи телефонӣ дар аксарияти ҷамоатҳо, набудан ва кӯҳна шудани таҷҳизоти типографияи ноҳия, набудани хизмати радиошунавонӣ иборат мебошад.

*Ҷадвал 46. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди хоҷагии роҳи ноҳияи Ашт барои солҳои 2011- 2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | Дурнамо | | | соли 2015 бо % нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард ҳамагӣ (км) | 316,5 | 316,5 | 316,5 | 316,5 | 316,5 | 100,0 |
| Аз ҷумла: рӯйпӯши сахтдошта | 287,0 | 287,0 | 287,0 | 291,0 | 296,0 | 103,1 |
| Аз онҳо: рӯйпӯши комил дошта | 141,5 | 141,5 | 141,5 | 141,5 | 141,5 | 100,0 |
| Роҳҳои истифодаи умум - ҳамагӣ (км) | 316,5 | 316,5 | 316,5 | 316,5 | 316,5 | 100,0 |
| Аз он ҷумла: бо рӯйпӯши сахт | 287,0 | 287,0 | 287,0 | 291,0 | 296,0 | 103,1 |
| Аз онҳо: рӯйпӯши комил дошта | 141,5 | 141,5 | 141,5 | 141,5 | 141,5 | 100,0 |
| Роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ | 131,5 | 131,5 | 131,5 | 131,5 | 131,5 | 100,0 |
| Роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ | 185,0 | 185,0 | 185,0 | 181,5 | 181,5 | 100,0 |

## 2.3.3 Стратегия ва масъалаҳоибахши инфрасохтор

| мақсад | вазифаҳо | Чорабиниҳо | Арзиши умумӣ (ҳаз.с) | Сол 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Манбаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ХКМ** | | | | | | | | | | |
